*Пардохти андоз - бахои тамаддуниятнокии ҷомеа*

**№24 (1121)** 14 июни соли 2018

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Боҷу хироҷ

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ донистa, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

**Аз Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22 декабри соли 2017**

## Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай



# Вазъи истифодаи МНХ





**МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АНДОЗСУПОРАНДАГОН УҲДАДОРАНД, КИ ТИБҚИ ТАРТИБИ МУҚАРРАРНАМУДАИ ҚОНУНГУЗОРИИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ НАҚДӢ БО ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН АЗ МОШИНҲОИ НАЗОРАТӢ-ХАЗИНАВИИ ДОРОИ ХОТИРАИ ФИСКАЛӢ (МНХ) ИСТИФОДА НАМОЯНД.**

*(Нигаред ба саҳ.5)*

# Фаъолияти соҳибкорӣ

Дар шароити имрӯза рушди иқтисодии миллии кишвар дар сатҳу сифати фаъолияти бахши хусусӣ вобастагии мустақим дорад. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги ин бахш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани механизмҳои иқтисоди озод, сода гардонидани низоми андозбандӣ, ислоҳоти сохторҳои молиявию бонкӣ ва суғурта, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ мусоидат мекунад, пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Рушди устувори соҳибкорӣ, бахусус фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, кафили инкишофи бозъетимоди иқтисодиёт ва паст гардидани шиддати таъсири бӯҳрон буда, барои афзун шудани буҷети давлатӣ хуб мусоидат хоҳад кард.

*(Нигаред ба саҳ.4)*

**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ОМИЛҲОИ РАФЪИ КАМБУДИҲО**

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №210 муқаррар шудааст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дороии хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода мешаванд.

........................................ САҲ.8

**ТАМҒАГУЗОРӢ - ПЕШГИРИИ КАНОРАҶӮӢ АЗ АНДОЗБАНДӢ**

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 09.08.2016 №291 нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бояд тамғагузорӣ карда шаванд.

........................................ САҲ.10

**НАТИҶАИ САНҶИШҲОИ АМАЛИЁТӢ ВА МУОИНАИ ХРОНОМЕТРАЖӢ**



Мутобиқи қисми 5 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши амалиётӣ аз ҷониби мақомоти андоз доир ба масъалаҳои ба сифати андозсупоранда ба ҳисоб гузоштан дар мақомоти андоз, дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, риояи талаботи қонунгузории андоз гузаронида мешавад.

........................................ САҲ.11

# Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

## бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин

9 июн дар шаҳри Чиндао дар ҳошияи Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин мулоқот карда, самтҳои асосии муносибатҳои шарикию стратегии ду кишварро баррасӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи ҳамкории байни давлатҳо баҳои баланд дода, ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро барои таъмиқ ва густариши он иброз доштанд.

Ҷонибҳо дар ҷараёни мулоқот зимни баррасии масъалаҳои амниятӣ ба таъмини амнияти минтақавӣ, мубориза муштарак бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, вазъи мураккаб дар сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникиро аз самтҳои афзалиятноку муҳими муносибатҳои Тоҷикистону Россия маънидод намуданд.

Таъкид гардид, ки Россия ҳамчун шарики асосии тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон боқӣ мемонад ва барои таҳкими муносибатҳо дар ин самт татбиқи қарорҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ зарур шумурда шуд.

Дар ҷараёни мулоқот сарони давлатҳо ҳамчунин ба масъалаи рушду густариши муносибатҳои байниминтақавӣ, ҳамкорӣ дар бахшҳои энергетика, саноати кӯҳӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, интиқоли молу маҳсулоти кишоварзӣ ба Россия таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Аз рафти татбиқи тадбирҳо оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла, эълони авф ба як қисми шаҳрвандон, беҳсозии шароити будубоши муҳоҷирон изҳори қаноатмандӣ карда шуда, пешниҳод гардид, ки идомаи чунин чораҳои судманд, аз ҷумла, тамдиди муҳлати бақайдгирӣ ва иҷозатнома барои фаъолияти муҳоҷирон ба манфиати кор хоҳад буд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ҳамчунин аз раванди ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангию гуманитарӣ, илму маориф, омӯзиши забони русӣ, таъмини омӯзгорони забони русӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон изҳори қаноат карданд.

Дар охир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин барои бомуваффақият гузаронидани Мусобиқоти ҷаҳон оид ба футбол барору комёбӣ орзу карданд.

## бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин

9 июн дар шаҳри Чиндаои Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳошияи Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқоти самимӣ доир карданд.

Дар оғози суҳбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Си Ҷинпинро барои такроран ба маснади Раиси ҷумҳур интихоб шуданашон табрику таҳният гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки ӯ минбаъд низ барои таҳкиму тавсеаи муносибати шарикию стратегии ду кишвар талош хоҳад кард.

Сарвари давлат барои саҳми муносиби Ҳукумати Чин дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва татбиқи лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ изҳори сипос карданд.

Дар мулоқот таъкид гардид, ки маҷмӯи санадҳои қаблан имзошуда барои амалӣ кардани нақшаву барномаҳои давлатии Тоҷикистон, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва барои аз кишвари аграрӣ — саноатӣ ба индустриалӣ — аграрӣ табдил додани мамлакат, саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Ҷонибҳо ба сатҳи ҳамкорӣ дар масъалаи ҷалби сармояи чинӣ дар соҳаҳои саноати кӯҳӣ, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ, оғози татбиқи лоиҳаи бунёди Маркази барқу гармидиҳии "Фон Яғноб" бо иқтидори 600 мегаватт, лоиҳаи сохтмони роҳҳои оҳани минтақавӣ баҳои баланд доданд.

Дар ҷараёни мулоқот ба масъалаи боло бардоштани ҳаҷми гардиши мол, афзоиши содирот ба бозори Чин, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, барои расидан ба ин ҳадафҳо пешниҳод гардид, ки фаъолияти кори Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаъол карда шавад.

Зимни мулоқот дигар мавзӯъҳои муҳими ҳамкорӣ, дар бахшҳои ҷалби сармояи чинӣ баҳри рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, зарурати баргузории рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Чин, мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуданд.

Ҷонибҳо дар доираи ҳамкории минтақавию байналмилалӣ инчунин масъалаҳои робитаҳои муштарак дар самти мубориза бо таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризм, экстремизм, ҳалли вазъи мураккаби сиёсию низомӣ дар Афғонистон ва дигар самтҳои ҳамёриро дар ҷаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои ҷаҳонӣ муҳокима карданд.

## бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ

9 июни соли 2018 дар шаҳри Чиндаои Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳошияи Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ мулоқот карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат иброз доштанд, ки мо таъмини сулҳу суботро дар Афғонистон омили амнияти кишвари худ ва тамоми минтақа медонем.

Президенти мамлакат ҳамкории зич ва пайвастаи хадамоти амниятии Тоҷикистону Афғонистонро дар самти мубориза муштарак бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷоҷоқи ғайриқонунии маводи нашъаовар, инчунин пурзӯр кардани ҳифзи сарҳадоти давлатии Тоҷикистон, зарур шумурданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқоти судманд инчунин масъалаи таҳкими муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Афғонистонро дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, маориф, таълим ва фарҳанг, баррасӣ карданд.

Дар ҷараёни мулоқот татбиқи тарҳҳои зербиноии миллию минтақавии энергетикӣ, тақвияти ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни ду кишвар, махсусан дар бахши энергетика, аз ҷумла лоиҳаи "CASA-1000", роҳандозии лоиҳаҳои нақлиётӣ, роҳи оҳани "Тоҷикистон — Афғонистон — Туркманистон" ҳамчун омили беҳсозии вазъи иқтисодию иҷтимоии Афғонистон маънидод карда шуд.

## бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусайн

9 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусайн мулоқот карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз болоравии бемайлони сатҳи ҳамкории судманди ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро баҳри густариши минбаъдаи равобит иброз доштанд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот, ки дар фазои дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифт, рушди муносиботи ҳамкорӣ дар бахшҳои муҳими сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва пешбурди муштараки лоиҳаҳои зерсохториро ҳамчун омили таконбахши тавсеаи ҳамкории минтақавӣ ва таъмини амнияту суботи минтақа арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки баҳри рушду тавсеаи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ идомаи фаъолияти ҳадафманду босифати Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ бисёр муҳим аст.

Зимни баррасии масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика татбиқи саривақтии Барномаи дорои аҳамияти минтақавӣ CASA — 1000 ва дигар лоиҳаҳои мавҷудаи соҳа баҳри расидан ба ҳадафҳои созанда зарур шумурда шуд.

Дар мулоқот сарони давлатҳо ҳамчунин масъалаҳои таҳкими суботи минтақавӣ, мубориза муштарак бар зидди зуҳуроти терроризму ифротгароӣ, истеҳсолу гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ, инчунин дигар мавзӯъҳои минтақавӣ ва байналмилалии мавриди таваҷҷуҳро баррасӣ карданд. Ба эътидол овардани вазъияти Афғонистон ва истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар барои Тоҷикистон ва Покистон ниҳоят муҳим маънидод гардид.

## бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Моди

Нимаи дуюми рӯзи 9 июн дар шаҳри Чиндао дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Моди мулоқоти самимию судманд анҷом дода, маҷмӯи васеи масоили ҳамкориро баррасӣ карданд.

Сарвари давлат аз сатҳи имрӯзаи ҳамдастиву эътимоди сиёсии миёни ду давлат изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид доштанд, ки ҳамёрии кишварҳо дар чорчӯбаи СҲШ боз як омили пешбурди ҳамкориҳои созандаи Тоҷикистон ва Ҳиндустон хоҳад шуд.

Ҷонибҳо таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодиро муҳим маънидод карда, дар раванди пешбурди онҳо идомаи фаъолияти самарабахши муносибатҳои байнипарлаентӣ ва Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро зарур шумурданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон омодааст, сармояи ҳиндустониро барои татбиқи лоиҳаҳои зерсохториву истеҳсолӣ, тиҷоративу хизматрасонии худ ва татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ, бахусус тавлиди энергияи таҷдидшаванда, таъсиси корхонаҳои муштараки бахшҳои мухталифи истеҳсолӣ,ҷалб намояд.

Афзоиши шумораи парвозҳои мустақими байни Душанбеву Деҳлӣ, истифодаи имкониятҳои зиёди Тоҷикистон баҳри тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои туризм, густариши ҳамкорӣ ва табодули таҷриба дар соҳаи тиб, барои мардумон муҳиму манфиатбахш арзёбӣ гардид.

Таҳкими муносибатҳои ҳамкорӣ дар ҷодаи таъсиси марказҳои муштараки ташхисию муолиҷавӣ, бахшҳои гуманитариву фарҳангӣ ва маориф бар нафъи ҳар ду кишвар судовар маънидод карда шуд.

Дар ҷараёни суҳбат ҳамчунин масъалаи таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ҳамчун омили калидии таъмини амнияти тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ баррасӣ гардид.

Бочу ХИРОЧ
■ №24 (1121)
■ 14 июни соли 2018





# Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай

**10 июни соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар шаҳри Чиндаои Ҷумҳурии Мардумии Чин иштирок ва суханронӣ карданд.**

Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ин навбат дар ҳайати 8 кишвари аъзо — Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҷумҳуриҳои Қазоқистону Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд.

Дар макони баргузории ҷаласа Маркази ҳамоишҳои байналмилалии Чин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сарони давлатҳою ҳайатҳои воломақомро Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин истиқбол гирифт.

Пас аз маросими аксгирии муштарак Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бо иштироки сарони давлатҳои Тоҷикистон, Ҳиндустон, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия ва Ӯзбекистон дар ҳайати маҳдуд ҷараён гирифт.

Дар ҷаласа масъалаҳои рӯзномаи корӣ, ки асосан аз дарёфти роҳҳои муҳиму муштараки муқовимат бар зидди терроризми байналмилалӣ, рушди ҳамкории давлатҳои аъзо дар самтҳои гуногуни амният, иқтисодиёт, ҳамкории фарҳангӣ ва гуманитарӣ, инчунин дигар мавзуъҳои мубрами минтақавию ҷаҳонӣ иборат буд, мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар ҷаласаи ҳайати васеъ сарони давлатҳою ҳукуматҳои нозир аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Беларус, Эрон, Монголия, намояндагони воломақоми Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, раёсати Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Машварати ҳамгирой ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, инчунин коршиносон дигар ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ иштирок карданд.

Дар оғоз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҳукумати кишвари мизбон барои дар сатҳи баланди ташкилӣ омода ва доир кардани Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ва пазироии самимии иштирокчиёни ҳамоиши навбатӣ изҳори сипос намуданд. Сарвари давлат ба нақши Чин дар давраи раёсат дар Созмони Ҳамкории Шанхай ва натиҷаҳои кори он баҳои баланд доданд.

Президенти мамлакат таваҷҷуҳи сарони давлатҳо ва ҳайатҳоро ба масъалаи таъмини амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон ҷалб карда, таъкид доштанд, ки мо бояд бо талошҳои муштарак мунтазам ҳамбастагии худро баҳри пойдории сулҳ, амният ва субот, инчунин рушди равобити тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ дар чаҳорчӯби Созмони Ҳамкории Шанхай равона намоем.

Барои мубориза бо терроризм ва экстремизм, қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, пешгирии паҳнкунии идеологияи радикалӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таҳкими ҳамкории муштарак зарур шумурда шуда, пешниҳод гардид, ки сохтори алоҳида — стратегияи зидди маводи нашъаовари Созмони Ҳамкории Шанхай ва Барномаи амал оид ба иҷрои он таъсис дода шавад.

Зимни баромади пурмуҳтаво ҳамчунин Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мавқеи устувори ҷониби Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти глобалӣ, рушди ҳамкориҳои судманд бар нафъи кишварҳои аъзо, густариши робитаҳои зичи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, неруҳои мудофиавӣ, дарёфти роҳҳои ҳалли низоъҳои ҳарбӣ дар Афғонистон ба хотири таъмини амнияти минтақа, андешаронӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таваҷҷуҳи сарони давлатҳо ва ҳайатҳо ҳамчунин масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, истифодаи имконияти нақлиётию транзитӣ, баҳрабардорӣ аз захираҳои гидроэнергетикӣ, татбиқи лоиҳаҳои таҷдид ва сохтмони роҳҳои мошингарду оҳан, таъсиси долонҳои нақлиётии минтақавӣ бо дастрасӣ ба бандарҳои баҳрӣ, ҳалли мушкилоти глобалии тағйирёбии иқлими сайёра, коҳиш додани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳаво, таъмини кишварҳои минтақа бо барқи аз лиҳози экологӣ тозаро ба миён гузоштанд.

Дар охир Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки баҳри таъмини амнияти озуқавории кишварҳо дар соҳаи кишоварзӣ ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ, барои вахдату ҳамбастагии мардумони минтақа таҳкими ҳамкории фарҳангию гуманитарӣ ва муаррифии имкониятҳои сайёҳиро ба роҳ монанд.

Пас аз анҷоми суханрониҳои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай, дар маҷмӯъ, 22 санади нави ҳамкорӣ қабул гардид.

Ҳамин тавр баъди анҷоми кори ҷаласаи навбатӣ раёсат дар Созмони Ҳамкории Шанхай барои солҳои 2018-2019 ба ҷониби Ҷумҳурии Қирғизистон гузашт.

Дар нишасти матбуотӣ бо иштироки сарони ҳамаи давлатҳои аъзои Созмон Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин барои доираи васеи хабарнигорон оид ба натиҷаҳои кори Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай изҳорот дод.

Шоми рӯзи 9 июн Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарони дигар кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар зиёфати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ифтихори роҳбарони ҳайатҳои иштирокдор ва дар шоу барнома ва фейерверк иштирок карданд.

Дар ҳошияи Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев мулоқот карда, вазъи феълии муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамҷавориро баррасӣ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки дар доираи сафари корӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусайн, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди мулоқотҳои судманду самимӣ доир намуда, муносибатҳои ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ карданд.

# «СҲШ-СУТУНИ НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СЕРҶАНБАИ ТАШАККУЛЁБАНДА»

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба газетаи «Жэнмин жибао»-и Чин мусоҳибаи ихтисосӣ доданд

**«СҲШ ҳамчун як созмони бонуфузи минтақавӣ дар паҳнои мураккаби геосиёсӣ ҷотеъона нуфуз пайдо мекунад ва ба яке аз сутунҳои низоми ҷаҳонии серҷанбаи ташаккулёбанда табдил меёбад»,-изҳор доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳибаи ихтисосӣ бо хабарнигори газетаи «Жэнмин жибао» пеш аз сафар ба Тсиндао ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи 18-уми Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ.**

Тавре Сарвари давлати Тоҷикистон ёдовар шуданд, қарори таърихӣ оид ба тағйири ном додани «панҷгонаи шанхай» ба Созмони Ҳамкории Шанхай 18 сол қабл дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни саммити Душанбегии сарони давлатҳо қабул гашта буд.

«Дар ин давраи кӯтоҳи муқоисашавандаи таърихӣ Созмони мо ба сифати сохтори мукаммали ҳамкории бисёрҷониба бо нуфузи афзояндаи байналмилалӣ ташаккул ёфт»,-зикр намуданд Пешвои миллат.

Дар робита ба нақши Чин дар СҲШ, Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз давлатҳои муассиси ин Созмон мебошад. Худи ҳамин аллакай аз саҳми калони Чин дар ташаккул ва рушд, таъмини фаъолияти мунтазам ва боло рафтани нуфузи байналмилалии Созмон дарак медиҳад.

Дар ин мусоҳиба, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба афзалиятҳои иштирок дар СҲШ ибрози андеша намуда, таъкид медоранд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон узвият дар СҲШ маънои боз намудани имкониятҳои нав ва самтҳои оянададори ҳамкории бисёрҷониба бо шарикони анъанавӣ дар ҳама соҳаҳо, бидуни истисно, аз амният то иқтисодиёт ва ҳамкории фарҳангию гуманитарӣ дорад.

Президенти мамлакат ҳамчунин ёдовар шуданд, ки аз моҳи июни соли гузашта Ҳиндустон ва Покистон фаъолона ба узвияти СҲШ қабул карда шуданд ва ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар Тсиндао бори аввал дар формати «ҳаштгона» сурат мегирад. Тавсеаи Созмон аз ҳисоби иштирокчиёни нав намунаи барҷастаи афзудани ҷолибият ва муҳимияти он дар арсаи байналмилалӣ буда, имконот ва иқтидори кишварҳои мо ба таври назаррас таҳким меёбад. «Мо мутмаинем, ки бо қабули Ҳиндустон ва Покистон чун узви комилҳуқуқи Созмони Ҳамкории Шанхай имконоти рушди сифатан нави ҳамкории байни давлатҳои аъзои СҲШ дар соҳаҳои мухталиф меафзояд», — таъкид намуданд Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин мусоҳиба, Президенти мамлакат инчунин доир ба паҳлуҳои мухталифи фаъолияти СҲШ, нақшаҳои минбаъдаи он ибрози андеша намуда, ба фаъолияти созмон дар соли гузашта баҳои баланд доданд.

# ТАНЗИМ

## БАРАКАТ МЕОРАД

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар иртибот ба таҷлили рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон, ҷаласаи васеи корӣ бо иштироки кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва рӯзномаи «Боҷу хироҷ» баргузор гардид.**

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи андоз – муовини Раиси Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуфӣ П.С. ифтитоҳ намуда, иштирокчиёни чорабиниро бо фарорасии 11-умин солгарди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» табрику таҳният гуфт ва ба онҳо дар ҷодаи риояи муҳтаво ва муқаррароти Қонуни мазкур муваффақият орзу кард. Ӯ таъкид намуд, ки татбиқи ҳамаҷониба ва бенуқсони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт маҳз аз кӯшишу ғайрат ва масъулияти онҳо вобастагии зич дорад.

Дар робита ба ин, узви Комиссияи танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказӣ - сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Зокир Қурбонов иброз дошт, ки расму оин ва анъанаву маросим яке аз шаклҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятии ҳар як миллату ҷомеа мебошад. Ҷашну маросиму оинҳои мардуми тоҷик дар доираи ду тамаддуни таърихӣ – ориёӣ ва ислом ташаккулу такомул ёфтааст. Бештари расму оин ва ҷашну маросими халқие, ки имрӯз дар байни мардуми мо маъмуланд, маҳсули марҳалаи исломист. Аксарияти ин маросим ҳамчун як рукни фарҳанги миллиамон шинохта шудаанд, вале бо мурури замон ва зери таъсири омилҳои гуногун ба тағйироти шакливу маъно дучор шуда, аслу мақсади асосиашонро то андозае гум кардаанд. Бинобар ҳамин, қисми аз сокинони кишвар бо сабаби зоҳирпарастии беасос ба амалҳои нангин даст мезананд. Зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва риояи ноогоҳонаи анъана ва расму оинҳои мардумию динӣ дар навбати худ, садди роҳи баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

Сипас, узви Комиссияи танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказӣ - сардори Раёсати аудити дохилӣ Гулмуродзода С. баромад намуда, оиди тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" воридшударо, ки барои пешгирии зоҳирпарастиву зиёдаравӣ дар маъракаву маросим заминагузорӣ менамоянд, шарҳ дод. Аз ҷумла зикр намуд, ки тибқи ин тағйирот барои пешгирӣ намудани исрофкорию зиёдаравӣ дар рӯзҳои идҳои Рамазон ва Қурбон танҳо оростани дастархони маънавӣ ва камхарҷ иҷозат дода шудааст.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

**Тибқи маълумоти Раёсати андоз дар вилояти Суғд ба ҳолати имрӯза дар ҳудуди вилояти Суғд 40 адад коргоҳҳои хурду бузурги коркарди гандум фаъолият доранд, ки дар қайди шуъбаҳои НАМ ва НАК дар вилояти Суғд мебошанд. Аз натиҷаҳои таҳлили мақомоти андози вилояти Суғд бармеояд, ки имрӯз дар фаъолияти баъзе аз коргоҳҳои ордбарорӣ ҳолатҳои риоя накардани талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дуруст нишон надодани ҳисоботи андозӣ, истеҳсолоти воқеии коргоҳ, шумораи коргарон ва нишондиҳандаи музди меҳнати онҳо ва дигар камбудиҳо ба назар мерасанд. Дар мисоли пурра нишон надодани даромади худ, ки гӯё даромади корхона хароҷотро намепӯшонад, на танҳо андози фоида намесупоранд, балки фаъолияти худро бо зарар нишон медиҳанд.**

# ЯК БОМУ ДУ ҲАВО

Новобаста аз он ки ҳамаи корхонаҳои ордбарорӣ ба як намуди фаъолият ва дар шароити якхела машғуланд, вале нишондиҳандаҳои истеҳсолиашон якхела нестанд. Музди миёнаи меҳнат дар ҷамъиятҳои дар қайди шуъбаи НАК-буда дар вилояти Суғд, аз қабили «Зерновая компания» дар давраи сипаришудаи соли 2018 нисбати соли 2017 афзоиш наёфта, баръакс 11 сомонӣ, дар «Ҳоҷӣ Юсуф» - 511 сомонӣ, «Астана» - 28 сомонӣ кам шудааст. Ё ин ки музди маоши моҳона дар ҷамъиятҳои «Орди Фатир» - 1203 сомонӣ, дар «Ғаллаи Шимолӣ» - 899 сомонӣ ва дар «Зерновая компания» - 873 сомонӣ шудааст. Яъне фарқияти музди меҳнат байни ин ҷамъиятҳо калон аст.



Дар корхонаҳои дар қайди шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёнаи дар вилояти Суғдбуда музди миёнаи маоши кормандон дар ҷамъиятҳои «Чархи гандумин», «Орди Кавсар», «Хубон», «Орди Суғд», «Аманат» ва «Аҷр» аз 1000 то 1200 сомонӣ бошад, пас дар корхонаҳои «Зуҳал и К» - 557 сомонӣ, «Султони Ҳаким» - 771 сомонӣ, «Имкон Агро» - 865 сомонӣ, «Олим Авезов» - 976 сомонӣ, «Парвизи Мирзо» - 523 сомонӣ, «Суғдиён» - 921 сомонӣ, «МК Баракат» - 749 сомонӣ, «Дӯстӣ 8888»-800 сомонӣ, «Асали 1» - 755 сомонӣ ва дар «Музаммил» - 540 сомонӣ аст. Яъне ин ҷо низ фарқи калон ба назар мерасад. Ҳол он ки ин корхонаҳо ҳама дар як минтақа, дар як шароит ва бо якхела таҷҳизот кор мекунанд.

Агар нишондоди дигар, таносуби даромади умумӣ бар хароҷот, яъне фоизи самаранокӣ таҳлил карда шавад, пас ин ҷо ҳам фарқ ҳаст. Соли 2015, ки меъёри андоз аз арзиши иловашуда 18 фоиз буд, фоидаи софи баъди ҳисоби андоз аз фоида боқимонда бештар бошад, пас дар соли 2017, ки ин корхонаҳо ба 10-фоиза гузаштанд, камтар шудааст, ё ин ки хароҷоташон гӯё, ки зиёд шуда бошад. Ба монанди «Ғаллаи Суғд» соли 2015 ба андозаи 105,2%, соли 2017-ум 104,2% аст. Яъне таносуби фоидаи соф бар хароҷот боздеҳи фондҳо дар соли 2015 ба ҳар як 100 сомонӣ 105, 2 сомонӣ фоида дида бошад, пас ин нишондод дар соли 2017-ум 104,2 фоиз шудааст. Ҳамин ҳолат дар ҷамъиятҳои «Аркаим», «Ҳоҷӣ Юсуф», «Анҳор», «Фаровон 1» низ дида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки гӯё аксарияти корхонаҳои коркардкунандаи гандум дар вилояти Суғд фаъолияти худро бо фоидаи ночиз ҷамъбаст намудаанд. Вале агар мантиқан таҳлил намоем дар сурате, ки корхона фоида надорад, яъне маблағи иловагӣ ба даст наовардааст, пас аз кадом ҳисоб захираҳои зиёди гандум харидорӣ ва моҳҳои зиёд нигоҳдорӣ намуда, равандi истеҳсолиро танзим менамояд?

Аз 9 адад корхонаи коркардкунандаи гандуми дар қайди шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон буда дар вилояти Суғд маблағи ҳисобшудаи андозҳо дар чор моҳи соли 2018 нисбати ҳамин давраи соли 2017 кам шудааст: дар ҶДММ «Зерновая компания» - 520 ҳазор сомонӣ, «Ғаллаи Суғд» - 77,2 ҳазор сомонӣ, «Фаровон 1» - 413,7 ҳазор сомонӣ, «Анҳор» - 18,6 ҳазор сомонӣ. Дар сурати якхела будани фаъолият муқоисаи вазни қиёсии пардохти андозҳо ниҳоят зиёд аз якдигар фарқ мекунад. Ба монанди ҶДММ «Зерновая компания» - 10,2% ва «Астана» - 9,4% бошад, пас вазни қиёсии «Ғаллаи Шимолӣ» - 3,7%, «Ғаллаи Суғд» - 4,0%, «Аркаим» - 3,3%, «Орди Фатир» - 2,3%, «Ҳоҷӣ Юсуф» - 6,5%, «Фаровон 1» - 1,5% ва «Анҳор» - 0,5% шудааст.

Гарчанде ки дар натиҷаи таъсиррасонии мақомоти андоз, яъне гузоштани дидбонгоҳҳои назорати андозӣ дар корхонаҳои коркарди гандум ҳаҷми истеҳсоли он дар ҳисоботи оморӣ ва даромади умумӣ дар эъломияҳои андозӣ аз 4 маротиба то 15 маротиба зиёд шуд, вале маблағи андозҳои ҳисобшуда ва вазни қиёсии он зиёд нашуда истодааст. Масалан, дар чор моҳи соли 2018 агар вазни қиёсии андозҳои ҳисобшудаи ҶДММ «Зерновая компания» - 12,7% бошад, ин нишондод дар корхонаҳои «Ғаллаи Шимолӣ» - 3,7%%, «Ғаллаи Суғд»-4,2%, «Аркаим» - 1,4%, «Орди Фатир» - 2,6%, «Ҳоҷӣ Юсуф» - 1,2%, Астана» - 2,9%, «Фаровон 1» - 2,7% ва «Анҳор» - 0,6% шудааст.

Масъалаи дигаре, ки боиси ташвиш аст, ин маблағи ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад, ки ба такмили барномаи компютерии СИА «Андоз аз арзиши иловашуда ва пайгирии ҳисобнома-фактураҳо» нигоҳ накарда, давра ба давра кам шуда истодааст.

Ёдовар мешавем, ки моҳи декабри соли 2016 байни Раёсати андози вилояти Суғд ва корхонаҳои коркарди гандуми вилоят созишнома баста шуда буд. Дар созишномаҳо иқтидори истеҳсолӣ ва бо дарназардошти тамоми омилҳои таъсиркунанда, яъне вазъи бозор, реҷаи корӣ, мавсими корӣ, рақобат, мӯҳлати истифода шудани таҷҳизот ҳаҷми коркарди моҳона муайян карда шуд. Ҳамчунин, дар созишнома қайд карда шуд, ки ҳангоми фурӯши яклухти молҳо ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва ҳангоми фурӯши чакана расиди МНХ-и дорои хотираи фискалӣ истифода карда, бо ҳамкорӣ аз ширкатҳои ба ном «якрӯза» худдорӣ карда шавад. Таҳлилҳои фаъолияти соли 2017 ва чор моҳи соли 2018 нишон медиҳад, ки ин талабот иҷро нашуда истодааст. Масалан, дар моҳҳои январ-марти соли 2018 дар корхонаҳои «Ғаллаи Шимолӣ», «Зерновая компания», «Орди Фатир», «Ҳоҷӣ Юсуф», «Анҳор» гӯё аз 1,5 то 12,6 фоиз фурӯши яклухт ва ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда навишта шудаю маҳсулоти боқимонда аз 80,0 то 98,0 фоизи он ҳамчун фурӯши чакана қайд гардидааст. Харидори маҳсулоти тайёр маълум нест. Ҳол он ки нархи ҳарду амалиёт як хел аст.

Хулоса, таҳлилҳои гузарониданаи мақомоти андози вилоят нишон медиҳад, ки корхонаҳои коркарди гандум аҳдшиканӣ намуда, ӯҳдадориҳои худро иҷро намекунанд ва ҳаҷми воқеии истеҳсоли маҳсулотро пурра нишон надода, ҳамоно бо ширкатҳои якрӯза ҳамкорӣ мекунанд.

Бо дарназардошти ин ҳолат ва бо мақсади аз байн бурдани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта Раёсати андози вилояти Суғд бо иштироки сардорон ва кормандони шуъбаҳои НАМ ва НАК дар вилояти Суғд, роҳбарон ва сармуҳосибони коргоҳҳои ордбарорӣ чанде пеш ҷаласаи корӣ доир намуд. Натиҷаи таҳлили гузаронидаи мақомоти андозро дар мавриди фаъолияти коргоҳҳои коркарди гандум муовини сардори Раёсати андози вилояти Суғд Обиди Муҳаммадсаид, сардори шуъбаи НАК дар вилояти Суғд Давлатбек Сафолов ва сардори шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд Сулҳия Алимзода ба самъи иштирокчиёни ҷаласа расониданд. Дар ҷаласа нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва ҳисоботи андозии пешниҳоднамудаи коргоҳҳои ордбарорӣ, камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти корхонаҳои коркарди гандум мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Роҳбарони корхонаҳои коркардкунандаи гандум таъкид карда шуданд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро сари вақт ислоҳ намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Вазъи истифодаи МНХ

**Мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) истифода намоянд. Зеро МНХ воситаи асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чиптаҳо, бо истифодаи ҳатмии МНХ ва додани чиптаи назоратӣ анҷом дода мешаванд.**

*Тавре ба назар мерасад, имрӯзҳо кормандони мақомоти андози кишвар кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра ҳамаи марказҳои савдо ва хизматрасонии кишварро бо МНХ таъмин намоянд. Ин амал дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон хуб роҳандозӣ шудааст ва мебинем, ки дар ин самт кормандони мақомоти андоз тамоми марказҳои савдо ва хизматрасонии ноҳияро бо МНХ таъмин намудаанд. Мо ҳамроҳ бо мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Абдусаттор Ғафоров аз вазъи истифодаи МНХ аз марказҳои савдо ва хизматрасонии ноҳия дидан намудем. Маълум гашт, ки қисми зиёди соҳибкорон аз МНХ ба таври зарурӣ истифода намекунанд.*

## То соати 15 ду чипта...

Вақте аз мағозаи хӯроквории, ки ба соҳибкори инфиродӣ Манзурамоҳ Қосимова тааллуқ дошт, дидан намудем, маълум гашт, ки соҳибкор бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин аст, аммо аз он кам истифода менамояд. Вақте аз ӯ сабаб пурсидем, бастаи чиптаҳоро ба мо нишон дода гуфт, ки аз МНХ чипта пешниҳод менамояд, вале харидорон онро намегиранд.

Вақте ба санаи чиптаи охирини соҳибкор назар афкандем, маълум гашт, ки аз саҳар то соати 15:25 танҳо ду дона чипта задаасту халос. Ҳарчанд ба мағоза харидорон пайваста ворид шуда, маҳсулоти зарурии худро харидорӣ менамуданд, аммо соҳибкор аз МНХ чипта пешниҳод намекард.

Воқеан, мушкили аз МНХ талаб накардани чипта ва ё гирифтану ҳамон замон ба замин партофтани чиптаи МНХ дар байни аксари харидорон ба назар мерасад, ки ин аз фарҳанги ҳар як шаҳрванд вобастагӣ дорад. Ҳар як шаҳрванд бояд дарк намояд, ки барои моли харидашудаи ӯ бояд фурӯшанда андоз пардохт намояд, ки ин андоз фардо барои таҳсили фарзандаш ва барои нафақаи пирону барҷомондагон сарф мешавад. Дар баробари он ки истифодаи МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад, аз ҷониби дигар чипта аз МНХ кафолати босифатии маҳсулот буда, дар ҳолати бесифат баромадани маҳсулот харидор имкон дорад, ки молро баргардонад ва ба воситаи чиптаи МНХ инро исбот намояд.

## Истифодаи МНХ-и «куҳна»

Мо «санҷиш»-и худро дар мағозаи хӯроквории «Табассум», ки ба соҳибкори инфиродӣ Сафаралӣ Ашуров тааллуқ дошт, идома додем. Зимни мушоҳида маълум гашт, ки МНХ-е, ки соҳибкор истифода менамуд, бо таҷҳизоти интиқодиҳандаи электронӣ пайваст нест. Бар замми ин, ӯ аз МНХ ба харидорон на ҳама вақт чипта пешниҳод менамуд. Аз ӯ сабаб пурсидем. Гуфт, ки бинобар набудани савдо то ба ҳол чипта аз МНХ пешниҳод накардааст.

Ӯ қайд намуд, ки пайваста бо кормандони мақомоти андоз дар ҳамкорӣ буда, ҳангоми нафаҳмидани баъзе масъалаҳо ҳатман барои кӯмак ба онҳо муроҷиат мекунад. Дар семинар-машваратҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз баргузор мегардад, ҳамеша ширкат карда, аз навигариҳои мақомоти андоз огоҳ мешавад.

Мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Абдусаттор Ғафоров, ки моро ҳамроҳӣ мекард, гуфт, ки аризаи соҳибкорро дар мавриди иваз намудани МНХ гирифтааанд ва кӯшиш мекунанд, ки дар рӯзҳои наздик МНХ-и ӯро бо МНХ-и дорои ТИЭ иваз намоянд.

Қайд бояд намуд, ки таъмини интиқоли электронии маълумот аз МНХ-и андозсупорандагон ба Кумитаи андоз имконият медиҳад, ки бе ташриф овардан ба мақомоти андоз, соҳибкорон нишондодҳои МНХ-ро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Маълумоти аз МНХ ба Кумитаи андоз воридгардида, бо истифода аз технологияҳои муосир дар барномаҳои системаи иттилоотии андоз мавриди коркард қарор дода шуда, дар ин замина то ҳадди максималӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки аз МНХ истифода карда, қонунгузории андозро риоя менамоянд, корҳои назоратӣ гузаронида намешавад.

Дар мағозаи молҳои рӯзгор, ки роҳбарии онро низ Сафаралӣ Ашуров ба уҳда доштааст, МНХ мавҷуд набуд. Вобаста ба ин ҳолат С. Ашуров гуфт, ки аз сабаби нав ба фаъолият сар кардани мағозааш ҳоло бо МНХ таъмин нашудааст. Аммо дар наздиктарин фурсат кӯшиш менамояд, ки МНХ гирифта аз он истифода кунад.

Тибқи имтиёзҳое, ки қонунгузории андоз барои соҳибкорон муқаррар кардааст, то се моҳ баъд аз шурӯъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки тариқи шаҳодатнома фаъолият менамояд, аз истифодаи МНХ озод мебошад. Зимнан, мақомоти андоз вазифадоранд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд. Дар ҳолати истифода накардани МНХ мақомоти андоз уҳдадоранд, ки дар фаъолияти соҳибкор корҳои назоратӣ, аз ҷумла хариди назоратӣ анҷом диҳанд.

## Муаммои қувваи барқи МНХ

Ба маркази савдои «Умар», ки роҳбариашро соҳибкори инфиродӣ Нурулло Қурбонов ба уҳда дошт, ворид шудем. Истифодаи МНХ аз ҷониби соҳибкор дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда буд. Ӯ сабаби инро дар зуд-зуд тамом шудани қуваи барқи МНХ маънидод намуд.

- Мо кӯшиш менамоем, ки ба ҳама харидорон аз МНХ чипта диҳем. Чунки додани чипта ин кафолатнокии молу маҳсулоти ман аст, ки дар ҳолати бесифат будани он ман метавонам ба воситаи чипта маҳсулоти худро бозпас гирам. Аммо вақте якчанд чипта ба харидор пешниҳод менамоем, қувваи барқи МНХ тамом мешавад. Мавсуф гуфт, ки ҳамеша дар семинар-машваратҳое, ки мақомоти андоз мегузаронанд, иштирок менамояд ва кӯшиш мекунад, ки андозҳои худро сари вақт ба буҷет пардохт намояд.

Воқеан ҳам, бояд ҳар як андозсупоранда дар семинар-машваратҳое, ки мақомоти андоз мегузаронад, ширкат намояд, аз навигариҳои мақомот огоҳ бошад. Чунки, тавре имрӯзҳо мебинем, Кумитаи андоз ба хотири халалдор насохтани фаъолияти андозсупоранда, бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон ба роҳ мондани пешниҳоди эъломия ва ҳисобот ба мақомоти андоз, анҷом додани таҳлилҳо дар доираи барномаҳои компютерӣ, дар ин замина то ҳадди максималӣ канорагирӣ намудан аз гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупоранда, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон тадбирҳо андешида истодааст.

Зимни мушоҳида аз як маркази савдои ноҳия, ки роҳбариашро соҳибкори инфиродӣ Ҷумахон Исоев ба уҳда дорад, муайян шуд, ки номбурда то ҷое аз МНХ истифода менамояд. Вақте ба санаи чипта назар афкандем, маълум шуд, ки то соати 16:08 11-ум чиптаро пешниҳод намудааст.

- Ман, ки пайваста дар ин мағоза худам савдо мекунам, ҳатман ба ҳар як харидор аз МНХ чипта медиҳам. Ҳастанд ҳолатҳое, ки баъзе харидорон аз дигар мағозаҳо маҳсулоти бесифатро харидорӣ намуда, бе чипта ба назди ман меоянд, ки гӯё он молро аз ман харидорӣ намуда бошанд, аммо вақте ман аз онҳо чиптаи додаамро талаб мемамоям, онҳо хомӯш мемонанд. Чунки ман ба ҳар як харидор чипта медиҳам ва барои ҳамин ҳатман талаб менамоям, гуфт- Ҷ. Исоев.

Ба гуфтаи ӯ, маблағҳои андозе, ки онҳо пардохт менамоянд, барои пешравии иқтисодиёт, фардо барои нафақаи пиронсолон ё маоши муаллимону духтурон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар табақаи аҳолии кишвар равона карда мешавад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар пардохти андоз бетарафӣ зоҳир нанамоем. Ҳар як шаҳрванд дар назди худ вазифа гузорад, ки сари вақт андозҳоро пардохт намояд ва бемасъулиятӣ нишон надиҳад.

Умуман, чуноне ки мушоҳида шуд, ҳарчанд соҳибкорони ноҳия бо МНХ-и дорои ТИЭ таъминанд, аммо аз он ба таври зарурӣ истифода намекунанд. Вақте аз онҳо сабабашро пурсон мешудем, набудани савдо, аҳамият надодани харидорон, набудани барқ ва корношоям будани МНХ-ро баҳона пеш меоварданд. Ҳол он ки истифодаи МНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси қонунгузории андоз ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодабарии МНХ хуб масъулият эҳсос кунанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**Неъматулло НУРОВ,**
**ноҳияи Восеъ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## Дар Уганда андоз барои истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ҷорӣ гардид

**Дар Уганда қонун дар бораи истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ба тасвиб расид, гуфтааст раиси парлумони Уганда.**

Барои истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ дар қаламрави Уганда дар як рӯз 200 шиллинг (0,05 доллар) пардохтан зарур аст.

Қонун рӯзи 30 май қабул шуда, аз солиояндаи молиявӣ., яъне аз аввали моҳи июли соли ҷорӣ амал хоҳад кард. Минбаъд барои истифодабарии шабакаҳои иҷтимоии амсоли Facebook, Twitter ва мессенҷери WhatsApp истифодабарандагон бояд дар як рӯз 200 шиллинг (0,05 доллар) пардохт кунанд. Вазорати молияи Уганда хабар додааст, ки маблағи номбурдаро ба воситаи операторони мобилӣ мерӯёнанд. Истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи сим-кортҳо ба қайд гирифта мешавад.

Қарор дар бораи ҷорӣ намудани андози мазкурро президенти Уганда Йовери Мусевени қабул кардааст, зеро ба андешаи вай, ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна овозаҳо паҳн мешаванд. Вазири молия Дэвид Баҳати гуфтааст, ки дар кишвараш бо мақсади пӯшондани қарзи давлатӣ меъёри андозҳо баланд бардошта мешавад.

http://taxpravo.ru



# Санҷиши амалиётӣ дар Хуҷанд

**Шаҳри Хуҷанд аз марказҳои калони савдою хизматрасонӣ дар вилояти Суғд мебошад. Барои пайдо кардани сарчашмаҳои нави андозбандӣ дар ҳудуди он кормандони мақомоти андоз имкониятҳои бештар доранд. Бо ин мақсад аз тарафи Раёсати андози вилояти Суғд ва нозироти андози шаҳри Хуҷанд пайваста санҷишҳои амалиётӣ ва дигар корҳои назоратии андоз гузаронида мешаванд.**

**Ҳамин гуна як санҷиши амалиётӣ аз ҷониби Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд гузаронда шуд.**

Тавре дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ошкор карда шуд, ҳанӯз ҳам дар маркази вилоят - шаҳри Хуҷанд ҳолатҳои зиёди бидуни қайд дар мақомоти андоз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб кардани коргарони кироя, кам нишон додани манбаи андозбандишаванда, риоя накардани тартиби истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолидиҳандаи электронӣ ҷой доштанд. Масалан, нуқтаи истеҳсоли хишт, воқеъ дар минтақаи шимолу шарқии шаҳри Хуҷанд, ки ба шахси воқеӣ Улуғбек Яқубов тааллуқ дошт, бе қайд дар мақомоти давлатӣ, аллакай зиёда аз як моҳ инҷониб фаъолият кардааст. Ба ҳамин монанд, нуқтаи фурӯши чархҳои автомобил, воқеъ дар маҳаллаи 34-ум (мансуб ба Амирҷон Мансуров) ва ошхонаи «Парасту» дар кӯчаи Камоли Хуҷандӣ (соҳибаш шахси воқеӣ Алиҷон Норматов), аз як то ду моҳ инҷониб бе қайд дар мақомоти андоз фаъолият доштаанд.

Дар рафти санҷиши амалиётии Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд нисбати даҳҳо нафар шахсони воқеӣ ва ҳам андозсупорандагон барои вайрон кардани талаботи қонунгузории андоз протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардидааст. Ҳамзамон, дар рафти санҷиши амалиётӣ аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти даҳҳо нафар соҳибкорон муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, андозҳои иловагӣ ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт карда шудаанд. Шахсони воқеие, ки бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будаанд ҷаримабандӣ карда шуда, минбаъд ин нафарон бо Патент ва Шаҳодатнома таъмин карда шуданд.

Роҳбари Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд Абдусамад Зарипов гуфт, ки дар ин давра фаъолияти 266 андозсупоранда таҳти санҷиш қарор дода шуда, ба маблағи 882 ҳазору 380 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудаанд. Аз маблағҳои барилова ҳисобшудаи андоз, аллакай 786 ҳазору 862 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст. Инчунин, нисбати 198 нафар соҳибкор протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 308 ҳазору 650 сомонӣ татбиқ карда шудааанд.

Дар давраи фаъолияти Гурӯҳи кории Раёсати андози вилояти Суғд 74 нафар андозсупорандаи шаҳри Хуҷанд бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин карда шуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

Дар шароити имрӯза рушди иқтисодии миллии кишвар дар сатҳу сифати фаъолияти бахши хусусӣ вобастагии мустақим дорад. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги ин бахш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани механизмҳои иқтисоди озод, сода гардонидани низоми андозбандӣ, ислоҳоти сохторҳои молиявию бонкӣ ва суғурта, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ мусоидат мекунад, пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Рушди устувори соҳибкорӣ, бахусус фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, кафили инкишофи боэътимоди иқтисодиёт ва паст гардидани шиддати таъсири буҳрон буда, барои афзун шудани буҷети давлатӣ хуб мусоидат хоҳад кард.

# Раванди фаъолияти соҳибкорӣ

Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодию молиявӣ ба ҳисоб рафта, он ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст.

Механизми батанзимдарории давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷорӣ намудани расмиёти бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ тибқи “Равзанаи ягона” ба роҳ монда шудааст.

Барои бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ қонунгузорӣ ду шакли ташкилию ҳуқуқии субъектро пешбинӣ намудааст: соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ.

Субъектҳои таъсисдодашаванда барои оғози расмии фаъолият бо се навъи ҳуҷҷат таъмин карда мешаванд:

- патент барои фаъолияти соҳибкорӣ;
- шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ;
- шаҳодатнома барои шахси ҳуқуқӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси патент андозсупорандагоне ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки номгӯи чунин фаъолият аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда бошад. Айни замон чунин номгӯи фаъолият 47 намудро ташкил медиҳад. Ба истиснои номгӯи фаъолият, соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ҳамчун соҳибкори хурд барои он бо патент иҷозати фаъолият карданро мегирад, ки гардиши молии чунин соҳибкор дар давоми 12 моҳ на бештар аз 100 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Баъд аз зиёд гардидани даромади солона аз 100 ҳазор сомонӣ соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бояд ба дигар низоми андозбандӣ гузарад: шаҳодатнома ё шахси ҳуқуқӣ.

Соҳибкор ҳангоми расидан ба ҳадди даромад бояд шакли ташкилию ҳуқуқиашро иваз намуда, ба дигар низоми андозбандӣ гузарад.

Бояд қайд кард, ки чунин шакли низоми андозбандӣ дар дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ аз ҷумла, Федератсияи Россия амал менамояд. Масалан, дар Россия даромади солонаи соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда 60 млн. рубл ва тибқи Шаҳодатнома фаъолияткунанда дар низоми содакардашуда на зиёда аз 150 млн. рубл дар як солро ташкил медиҳад. Дар Россия соҳибкор мустақилона ариза пешниҳод мекунад ва ё бо тbabри худкор (автоматӣ) дар давоми 5 рӯз ба дигар низоми андозбандӣ гузаронида мешавад. Дар Тоҷикистон қабл аз гузаштан ба дигар низоми андозбандӣ тибқи қонунгузории амалкунанда фаъолияташро дар низоми амалкунанда қатъ намуда, сипас марҳалаи гузаришро анҷом медиҳад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти аз ҷиҳати имконияти молиявӣ маҳдуд будан ва ҳамчун субъекти хурди соҳибкорӣ эътироф гардидан ба соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда қонунгузорӣ фаъолияти иқтисоди хориҷӣ – воридоту содирот ва ҷалб намудани коргари кирояро иҷозат намедиҳад. Ғайр аз ин, масоҳати майдони савдои фаъолияти соҳибкори тавассути патент фаъолияткунанда на зиёда аз 20 м² пешбинӣ гардидааст.



Дар Федератсияи Россия ба фарқ аз Тоҷикистон соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ҳуқуқи ҷалби коргари кирояро дорад ва барои коргари кироя патенти алоҳида харидорӣ карда мешавад ё ин ки патенти соҳибкор бо дарназардошти ҷалби коргари кироя, ки арзиши он баландтар аст, дастрас мегардад. Маҳз яке аз омилҳои муайянкунандаи нишондоди даромади умумии патент дар Федератсияи Россия ҷалби коргари кироя мебошад.

Фаъолияти соҳибкорӣ тариқи патент барои шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрванд бо дарназардошти пардохти маблағи дукаратаи патент имконпазир мебошад. Бояд қайд кард, ки маблағи патент устувор буда, он дар ду ҳолат метавонад тағйир ёбад:

- индексатсияи ҳарсола вобаста ба беқурбшавии асъори миллӣ;
- зиёд намудани масоҳати майдони фаъолияти соҳибкорӣ ё намуди иловагии савдо ва ё хизматрасонӣ.

Пардохти маблағи патент пешпардохт барои як моҳ пешбинӣ гардида, санаи пардохт то панҷуми ҳар моҳи ҳисоботӣ дар қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон муқаррар гардидааст.Таҷрибаи дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гувоҳӣ медиҳад, ки пешпардохти маблағи патент бемаҳдуд аст. Соҳибкор имконият дорад маблағи патентро барои якчанд моҳ ва ҳатто солона пардохт намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тибқи тағйирот ба қонунгузории андоз дар соли 2018 соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда имконият пайдо карданд, ки бо пешпардохти маблағи семоҳаи патент 10 фоизи маблағи патентро барои худ даромад намоянд. То қабул гардидани қонунгузории андоз дар таҳрири нав (ба санаи 31.12.2013) санаи пардохти патент аз рӯзи якуми моҳи ҳисоботӣ пешбинӣ гардида буд. Дар натиҷаи маъмурикунонии низоми соҳибкории хурд санаи пардохти маблағи патент аз ҷониби қонунгузорӣ 5 рӯзи иловагӣ тамдид карда шуд. Мӯҳлати тамдидшуда имконият фароҳам меорад, ки соҳибкорони дар ин давра хоҳиши қатъ ва ё ба дигар низоми андозбандӣ гузаранда маблағи устувори патентро пешпардохт нанамоянд.

Соҳибкорони тавассути патент фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, ду шакли соҳибкориро амалӣ менамоянд: хариду фурӯш ва хизматрасонӣ. Яъне, бо патент фаъолияти истеҳсолӣ амалӣ намегардад.

Ба соҳибкорӣ дар асоси патент фаъолияткунанда қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, дар фаъолияташон мошини назоратӣ – хазинавиро наменамоянд.

Бояд қайд кард, ки истифодаи МНХ тибқи қонунгузории Федератсияи Россия (Федерального закона от 03.07.2016, №290 – ФЗ) барои соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда ҳатмӣ мебошад.

Имтиёзҳои дигари соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки ҳисоботи муҳосибавиро пеш намебаранд, тавозун таҳия наменамоянд, танҳо ду намуди андоз: иҷтимоӣ ва даромадро пардохт менамоянд. Инчунин, ба мақомоти андоз эъломияҳои (ҳисоботи) андозҳоро пешниҳод наменамоянд, дар фаъолияташон муоинаи хронометражӣ, санҷиши ҳуҷҷатии андоз гузаронида намешавад.

Мақсад аз татбиқи фаъолият тавассути патент барои соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун зинаи нахустини ворид гаштани шаҳрвандон ба иқтисоди бозаргонӣ, омода намудани субъектҳо ба раванди соҳибкорӣ ва марҳала ба марҳала рушд намудани соҳаи соҳибкорӣ мебошад. Яъне, шаҳрванд бо тартиби содаи андозбандӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ оғоз намуда, пас аз пайдо кардани таҷриба ба тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад ва аллакай ҳуқуқ пайдо мекунад, ки коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, инчунин муҳосиботро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломияи ҳисоботи андозро пешниҳод намояд.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади ҳавасмандӣ, дастгирии соҳибкорони инфиродӣ ва рушди ҳунарҳои миллии мардумӣ аз аввали соли 2018 сар карда имтиёзи навбатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҲҶТ аз 13.02. 2018, №60) ба соҳибкорон пешниҳод карда шуд, ки тибқи он номгӯйи намудҳои фаъолият оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳои ниёзи мардум вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ дар хона аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод гардид.

Бо дарназардошти аз андозбандӣ озод пешбинӣ гардидани намудҳои фаъолият оид ба ҳунарҳои мардумӣ, номгӯи фаъолиятҳои соҳибкорӣ бо патент аз 49 ба 47 намуд кам карда шуд. Яъне, фаъолияти соҳибкории ҳунарҳои мардумӣ, ки дар маҷмӯъ 106 номгӯйро дар бар мегирад ва ба тавре дастӣ дар хона омода карда шуда, аз он даромад ба даст меоранд, аз пардохти андозҳо озод гардиданд.

**Д. А. АБДУЛЛОЗОДА,**
**унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Самтҳои ФАЪОЛИЯТ мавриди омӯзиш ва таҳлил

**Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус нақшаи воридоти андозҳоро ба буҷет дар чор моҳи соли 2018 (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ҳарчанд ба андозаи 101,1 фоиз иҷро кардааст, аммо, тавре аз таҳлилҳо бармеояд, сифати иҷрои андозҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Зеро дар ин давра аз ҷониби нозироти андоз панҷ намуди андоз ва ду намуди пардохтҳо таъмин карда нашудаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 206,3 ҳазор сомонӣ андозҳо ва пардохтҳо ворид нагардидааст.**

Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 341 адад шахси ҳуқуқии дар қайди Нозироти андози ноҳиябуда 41 ададаш андозсупорандаи бефаъолият маҳсуб шуда, ҳисоботи андозии худро ба таври афзоянда пешниҳод накардаанд. 54 адади он эъломияҳои худро ба таври сифрӣ пешниҳод намудаанд. Аз шумораи умумии супорандагони андоз аз фоида дар ноҳия, ки 25 ададро ташкил медиҳанд, 23 адади он аз натиҷаи фаъолияти молиявии худ дар соли 2017 эъломияи андоз аз фоидаро пешниҳод намудаанд, вале ду андозсупорандаи дигар эъломияи андоз аз фоидаро ба нозироти андоз то ҳол пешниҳод накардаанд.

Яке аз омилҳое, ки боиси кам ҳисоб шудани андоз аз фоида мегардад, ин аз ҷониби андозсупорандаҳо бархилофи қонунгузорӣ ба ҳисоб гирифтани хароҷоти беасос дар эъломияи андоз мебошад. Масалан, КФД «Хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Шаҳритус» дар эъломияи андоз аз фоида даромади умумӣ ва хароҷоти тарҳшавандаи худро ба маблағи 689,1 ҳазор сомонӣ нишон дода, фаъолияти молиявии худро дар соли 2017 бе гирифтани фоида ва бозарар ҷамъбаст намудааст.

Мутобиқи махзани маълумот ба ҳолати 1 майи соли 2018 дар нозироти андоз 306 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Маблағи воридшуда ба буҷет аз ин ҳисоб 1266,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 адад ва маблағи воридоти андозҳо, дар маҷмӯъ, 417,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи пешниҳоди эъломияҳои андоз дар чор моҳ ба ҳисоби миёна 63 фоизро ташкил медиҳад ва шумораи соҳибкороне, ки эъломияҳои худро пешниҳод накардаанд, 123 нафар (37,1 фоиз), шумораи соҳибкороне, ки ҳисоботи андозии худро ба таври сифрӣ пешниҳод намудаанд, 89 адад (28,9 фоиз) будаанд.

Ба ҳолати 1-уми майи соли ҷорӣ дар нозироти андози ноҳия 1902 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст ва маблағи аз ин ҳисоб дар ин давра ҷамъоваришуда 1208,5 ҳазор сомониро ташкил додааст. Бояд гуфт, ки шумораи хоҷагиҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 144 адад зиёд шудааст, аммо маблағи воридоти андозҳо ба маблағи 26,1 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст. Чуноне таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, бо вуҷуди сода будани андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ раванди маъмурикунонии андоз дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст.



Сари вақт ба қайд нагирифтани хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар натиҷаи таҷдиди хоҷагиҳои калон ва кооперативҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд омадаанд, низ масъалаи ташвишовар гардидааст. Тибқи маълумоти Кумитаи идораи замин шумораи хоҷагиҳои бо сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин таъминбуда 2164 ададро ташкил медиҳанд, аммо дар қайди нозироти андоз 1941 адад мебошад. Тафовут 223 ададро ташкил медиҳад. Бинобар ин, нозироти андозро зарур аст, ки ҷиҳати пурра ба қайдгирии хоҷагиҳои мазкур ва аз байн бурдани фарқият чораҳои иловагӣ андешад.

Чуноне ки таҳлилҳо нишон додаанд, кор дар самти афзоиши шумора ва фонди музди меҳнати коргарони кироя дар сатҳи зарурӣ қарор надоштааст. Аз ҷумла муайян шуд, ки аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии амалкунанда ҳамагӣ 41 ададаш (22 фоиз) дар 4 моҳи соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони худро ба миқдори 251 адад ва фонди музди меҳнатро ба андозаи 838,6 ҳазор сомонӣ зиёд намуда, дар дигар ҳолат аз ҷониби 39 андозсупоранда шумораи коргарон 138 адад ва фонди музди меҳнат ба маблағи 161,6 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Ҳамагӣ 27 шахси ҳуқуқӣ, дар ин давра, ҷойҳои кории худро нигоҳ дошта, ба кам гардидани шумора ва фонди музди меҳнати коргарони кироя роҳ надодаанд.

Шумораи коргарони кироии соҳибкорони инфиродӣ, (бо дарназардошти коргарони кироя дар хоҷагиҳо ба кор ҷалбшуда) 3560 адад ва музди меҳнати ҳисобшудаи онҳо, дар маҷмӯъ, 4277,4 ҳазор сомониро ташкил додаанд. Яъне музди миёнаи меҳнат дар як моҳ ба як коргар 300,3 сомониро ташкил медиҳад, ки ба воқеият рост намеояд.

Коркард ва муқоисаи маълумот нишон медиҳад, ки шумораи коргарони кироя дар чор моҳи имсол нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 269 адад ва даромад дар шакли музди меҳнат ба маблағи 370,8 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда ба ҳолати 1 майи соли 2018 дар ноҳия шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда 1667 нафар ва маблағи андозҳои ҷамъоваришуда аз ин ҳисоб 1277,4 ҳазор сомониро ташкил намудаанд. Шумораи соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ҳарчанд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 54 нафар ва маблағи воридоти андозҳо 201 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст, аммо, чуноне ба назар мерасад, андозбандии ин гурӯҳи соҳибкорон ҳанӯз ҳам дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Бояд қайд кард, ки танҳо дар моҳи апрел 470 нафар соҳибкор маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, ки маблағи қарзи аз ин ҳисоб бавуҷудомада 62,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин ҳолат аз ҷониби нозироти андоз ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ба 87 соҳибкори қарздор огоҳиномаҳо ирсол гардидаанд.

Истифодаи дурусти мошини назоратию хазинавӣ ва назорати ҳаррӯза дар ин самт дар зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ мусоидат карда, метавонад дар иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет таъсири мусбӣ расонад.

Таҳлили ҳисобот ва муқоисаи маълумот нисбати андозсупорандаҳое, ки МНХ- и онҳо бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ пайвастанд, нишон медиҳад, ки на ҳамаи андозсупорандаҳои ноҳия аз МНХ дуруст истифода карда истодаанд. Масалан, дар моҳҳои марту апрели соли равон дар 14 нуқтаи ҶДММ «Фарм сомонӣ», 12 нуқтаи ҶДММ «Меҳвар 2012», се нуқтаи ҶДММ «Намуна», ҶДММ «Ҳоҷиён Р», Ҷамъияти матлуботи Шаҳритус, ҶДММ «Бета Фарм», ҶДММ «Анвар 2015», ҶДММ «44 чашма 2015», соҳибкорони инфиродӣ А. Холматов, Ю. Чориев, И. Ҳаитов, В. Пардаев, А. Султонов, Т. Мамараимов, Ф. Мирзоазизова, У. Давлатов, М. Қурбонов, М. Авазова, Ю. Абдураҳмонов, Т. Гулмирзоев ва А. Қурбонов, тавре маълум шуд, аз МНХ муддатҳои тӯлонӣ истифода накардаю ба истеъмолгарон чипта надодаанд.

Таври маълум, яке аз самтҳои фаъолияти кормандони мақомоти ҳудудии андоз ин гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандаҳо мебошад. Кормандони Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус дар чор моҳи имсол дар фаъолияти 172 адад андозсупоранда (15 адад шахси ҳуқуқӣ ва 157 соҳибкори инфиродию хоҷагиҳои деҳқонӣ) назорати камералӣ гузаронидаанд, ки маблағи ошкоршуда 380,6 хазор сомониро ташкил медиҳад.

Умед дорем, ки кормандони Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус барои ба ҳадди наззаррас беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо ва афзун кардани ҳаҷми воридоти андоз фаъолияташонро самараноктар ба роҳ мемонанд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## Роспатент предложил внедрить налоговые стимулы для разработок новых технологий

**Об этом рассказал руководитель ведомства Григорий Ивлиев**

Роспатент предлагает увеличить грантовую поддержку научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ (НИОКР), а также применять налоговые стимулы для разработок новых технологий. Об этом заявил глава Роспатента Григорий Ивлиев, передает ТАСС.

«Безусловно — финансовые стимулы важны. Целесообразно как увеличение грантовой поддержки НИОКР, так и создание дополнительных инструментов, в том числе и налоговых стимулов», — сообщил Ивлиев.

По его словам, ведомство предлагает внедрить льготы по НДС и по социальным взносам. При этом ключевой мерой является снижение налога на прибыль до 5% от доходов компаний за реализацию прав на результаты интеллектуальной деятельности, отметил он. «Это существенно повысит конкурентоспособность нашей юрисдикции для проведения исследований и торговли правами на РИД (результат интеллектуальной деятельности) с нашей территории», — подчеркнул Ивлиев.

http://taxpravo.ru

# ҲАМКОРИИ МУШТАРАК

**Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба масъалаи ҷамъоварии саривақтии андоз ва вориди буҷет сохтани маблағи андозҳо ҷамъомад баргузор гардид.**

Дар ҷамъомад Раиси шаҳри Бохтар Исмоилзода Абдуалим, муовинони раиси шаҳр, кормандони Нозироти андози шаҳри Бохтар, соҳибкорон ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳо ширкат доштанд.

Раиси шаҳр Исмоилзода Абдуалим нахуст бобати фаъолияти нозироти андоз, моҳияти андоз, талабот ва зарурати супоридани андоз, фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ҳамкории онҳо бо андозсупорандагон сухан гуфт.

Мавсуф қайд кард, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр тахти роҳбарии муовини якуми раиси шаҳр Гуреззода Умед гурӯҳи корӣ ташкил шудааст, ки он дар ҳамкорӣ бо нозироти андоз дар самти ҷамъоварии андоз ва кам кардани бақияи қарзи андоз кӯмак мерасонад. Ӯ ҳамчунин зикр кард, ки ҳангоми пайдо шудани мушкилот дар самти ҷамъоварии андоз ва кам кардани бақияпулиҳои андоз мусоидат хоҳад кард.

Сардори Нозироти андоз дар шаҳри Бохтар Раҷабзода Фахриддин оид ба фаъолияти нозирот суханронӣ карда, дар бораи усулҳои корбарии кормандони нозирот, муомилаи дуруст бо андозсупорандагон, фаъолияти утоқи шахсии андозсупорандагон, корҳои фаҳмондадиҳӣ, сабаби асосии пайдо шудани мушкилиҳо дар зиёд шудани қарздории андоз, шароиту имкониятҳои мавҷуда, ҳамкории нозироти андоз бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ибрози андеша кард. Ӯ инчунин аз хусуси андозсупорандагони аз андоз қарздор ёдовар гардид.

Чанд тан аз соҳибкорон - иштирокдорони ҷамъомад ҳам дар бораи супоридани андоз, мушкилиҳои ҷойдошта дар пардохти андоз, ҳамкорӣ бо кормандони нозироти андоз ибрози назар карда, оид ба беҳтар кардани кор таклифу пешниҳодҳо манзур намуданд.

Дар ҷамъомад ҷиҳати иҷрои саривақтии нақшаҳои андоз, кам кардани бақияи қарзи андоз, натиҷагирӣ аз фаъолияти гурӯҳи корӣ ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ва шаҳрвандон Ситоди назди муовини якуми раиси шаҳр ташкил карда шуд. Гуфта шуд, ки Ситод дар самти ҳалли мушкилиҳо мусоидат карда, барои аз байн рафтани бақияи қарзи андозҳо таъсири худро хоҳад расонд. Инчунин, таъкид гардид, ки гурӯҳи кории таъсисшуда, бо роҳбарони ширкатҳо ва соҳибкороне, ки аз андоз қарздоранд ва ё сари вақт андозро пардохт намекунанд, суҳбату вохӯриҳо мегузаронад. Бо итминон метавон гуфт, ки ин вохӯриҳо дар ҳалли мушкилии мазкур мусоидат мекунанд.

**Суҳроби РУСТАМ,**
**шаҳри Бохтар**

**Дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ, талаботи техникӣ ба мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ” аз 2 майи соли 2013, №210 муқаррар шудааст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода мешаванд.**

# ОМИЛҲОИ РАФЪИ КАМБУДИҲО



Истифодабарандагони чунин таҷҳизот уҳдадоранд, ки ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ МНХ–ро истифода намоянд ва дар мавриди мавҷуд набудани қувваи барқ ва (ё) корношоямии техникии МНХ ба харидорон ҳуҷҷатҳои ба чекҳо (расидҳо) баробаркардашуда диҳанд. Ғайр аз ин, Дафтари сабти маблағҳои пули нақд ва Дафтари бақайдгирии расидҳо (квитансияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъиро пеш баранд ва бо ҷамъбасти рӯзи корӣ расмиёти «ҷамъбасти рӯзи корӣ»-ро иҷро карда, маълумоти ҳисоботии аз МНХ гирифташударо дар Дафтари сабти маблағҳои пулии нақд дарҷ намоянд.

Маълумоти Дафтари сабти маблағҳои пулии нақд бояд ба нишондоди МНХ дар рӯзи гирифтани маълумот мувофиқат кунад. Аммо ба назар мерасад, ки имрӯз баъзе андозсупорандагон бо сабаби надоштани фарҳанги андозсупорӣ ва ба хотири пинҳонкунии маблағҳои андози худ ба қонуншиканиҳо даст зада, муқаррароти қонунгузории андозро риоя намекунанд, ки дар натиҷа, ин амал боиси нофаҳмиҳои миёни андозсупоранда ва мақомоти андози кишвар мегардад.

Тавре аз Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе иттилоъ доданд, кормандони нозироти андоз дар моҳи майи соли равон дар фаъолияти 11 андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида, барои истифода накардан аз мошини назортӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва тартиби вайрон намудани пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳо бо қисми 1 моддаи 614 ва қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи 35000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ тартиб додаанд. Алҳол, маблағи он пурра ба буҷети мамлакат пардохт карда шудааст.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро дарҷ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода намоянд.

Кормандони Нозироти андози ноҳияи Сино дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Алишер Нозиров, ки ба хизматрасонии интернетӣ машғул мебошад, мутобиқи Амрномаи №11 аз 26.04.2018 хариди назоратӣ гузаронида, муайян карданд, ки номбурда аз мошини назоратӣ-хазинавӣ истифода намебарад. Ҳарчанд кормандони андоз А.Нозировро барои дуруст истифода накардани МНХ борҳо огоҳонида бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, номбурда ба қонуншиканиҳои андоз роҳ додааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ бо қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 9000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ тартиб дода шуд ва маблағи ҷарима пурра ба буҷет таъмин гашт.

Ҳамзамон, зимни гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби кормандони нозироти андоз дар фаъолияти соҳибкоркорон Маҳмадшариф Раҳимов, Саидраҳмон Нуров, Ҳақназар Ғафур, Баҳодур Набиев ва Суҳроб Назиров, ки ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба қайд гирифта шудаанду онҳо ба фаъолияти тайёр ва фурӯши таом дар ошхонаву қаҳвахона машғул мебошанд, маълум шуд, ки номбурдагон Дафтари бақайдгирии маблағҳои нақдиро дуруст ба роҳ намондаанд. Дар натиҷа, кормандони андозро зарур омад, ки бо дастрасии қисми 1 моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати ҳар кадоми онҳо ба маблағи 2000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ тартиб диҳанд. Алҳол, маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба буҷет ирсол шудааст.

Ғайр аз ин, кормандони Нозироти андози ноҳияи Сино дар фаъолияти Мансурҷон Зарипов ва Таир Раҳмонов мутобиқи Амрномаи №14 ва №18 аз 10 майи соли 2018 хариди назоратӣ гузаронида муайян карданд, ки онҳо истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи яхмос буда, дар фаъолияти худ Дафтари бақайдгирии маблағҳои нақдиро дуруст ба роҳ намондаанд ва тартиби Дафтари бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳоро дағалона вайрон кардаанд. Нисбати онҳо низ дар асоси қисми 1 моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъйин гардида, онро ба буҷет равон сохтаанд.

Дар ҷараёни гузаронидани корҳои назоратӣ маълум шуд, ки Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Абосидин”, ки самти фаъолияташ харид ва фурӯши молҳои саноатӣ мебошад, соҳибкор Олимҷон Мирзоев, ки ба хариду фурӯши хӯрокворӣ ва атриёт машғул аст ва соҳибкор Суҳроб Раҳматуллоев, ки ба истеҳсоли яхмос ва ҳамзамон ба фурӯши хиштҳои бетонӣ машғул мебошад, низ китоби бақайдгирии маблағҳои нақдии худро дуруст ба роҳ намонда будаанд. Дар натиҷа, нисбати ҳар яки онҳо бо дастрасии қисми 1 моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 4000 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидаанд. Маблағҳои ҷарима пурра ба хазинаи давлат пардохт шудаанд.

Вобаста ба чунин вазъи кор кормандони Нозироти андози ноҳияи Синоро зарур аст, ки дар баробари ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ низ диққати ҷиддӣ бидиҳанд. Зеро танҳо тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ метавон фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардошт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018



# С 1 июля 2018 года многие ИП и компании начнут свою работу с онлайн кассами

## До начала «второй волны» остается месяц

Как сообщила Федеральная налоговая служба, с 1 июля 2018 года компаний малого и среднего бизнеса, а также индивидуальные предприниматели начнут работать с онлайн-кассами. Это второй этап кассовой реформы, начатой в 2017 году.

С 1 июля онлайн-кассы начнут применять те, кто работает в сфере общепита и розничной торговли, а также те, кто использует торговые автоматы.

За каждую кассу можно получить налоговый вычет до 18 тысяч рублей. Соответствующие поправки приняты в Налоговый кодекс в прошлом году.

**http://taxpravo.ru**

# ХАРИДИ НАЗОРАТӢ - ПЕШГИРИИ ҚОНУНВАЙРОНКУНӢ



Андешидани тадбирҳои судманд дар самти ошкор намудани қонунвайронкунӣ дар соҳаи андоз ва сари вақт гирифтани пеши роҳи он омили самарабахши таъмини фарҳанги андоз ва муваффақ шудан ба тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Бо мақсади таъмини ҳамаҷонибаи тартиботи ҳуқуқӣ дар байни андозсупорандагон, мақомоти андоз пайваста чораандешӣ намуда, баҳри баланд бардоштани фарҳанги андозсупории аҳолӣ ва такмили дониши ҳуқуқии онҳо тадбирҳои мушаххас меандешад. Маҳз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд. Яке аз шаклҳои озмудашудаи корҳои назоратӣ - гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз баргузории он риояи қатъии қонунгузории андоз ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мавриди истифодаи оқилонаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ мебошад.

Таҳлили Махзани маълумотҳо ва натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд дар фаъолияти ҳамарӯзаи андозсупорандагон бобати баланд гардидани фарҳанги андозсупорӣ ва риояи қонунгузории андоз тағйироти куллӣ ба чашм мерасанд ва дар муқоиса бо солҳои пеш сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ба андоза коҳиш ёфтааст, аммо чунин зуҳурот то ҳол дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон ба чашм мерасад.

Барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани корҳои назоратӣ ва гирифтани пеши роҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳои андоз мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудаанд, ки дар самти таъмини нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бо МНХ-и дорои ТИЭ ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти он корҳои назоратиро вусъат бахшида, пайваста чораҷӯӣ намоянд. Махсусан, кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон уҳдадоранд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони минтақаҳои вобасташуда дар як моҳ на кам аз ду маротиба хариди назоратӣ гузаронанд.

Дар самти гирифтани пеши роҳи қонунвайронкуниҳои андоз фаъолияти кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода назаррас аст. Махсусан, кормандони шуъбаҳои санҷиш ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон пайваста хариди назоратӣ гузаронида, ҳолатҳои истифодаи мунтазами МНХ, ба мизоҷон додани чипта, фарқияти маблағҳои нақдӣ дар муқоиса бо маблағҳои дар хотираи МНХ сабтшуда ва тартиби пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳоро тахти назорат қарор медиҳанд.

Истиқоматкунандаи шаҳри Турсунзода тавассути телефон ба нозироти андоз занг зада, шикоят намуд, ки соҳибкори инфиродӣ Парвина Каримова, ки ба хариду фурӯши молу маводи гуногун машғул аст, ҳангоми хариди мол бо баҳонаи корношоям будани МНХ ба мизоҷон чиптаи мошини назоратӣ-хазинавиро намедиҳад. Кормандони андоз худи ҳамон рӯз ба суроғаи номбурда омада, дар фаъолияти соҳибкор П. Каримова хариди назоратӣ гузарониданд. Муайян шуд, ки маблағи нақдии дар хазина нигоҳдоштаи соҳибкор бо маблағи дар хотираи МНХ-буда мувофиқат намекунад. Илова бар ин, тартиби пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳо дағалона вайрон карда шудааст. Бо ҳамин сабаб мутобиқи қисми 1 моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода, ӯро ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима намуданд.

Хариди назоратӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Ҷ. Сиддиқов, ки дар мағозаи фурӯши маводи химиявӣ фаъолият мекунад, ошкор намуд, ки тартиби пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳо аз ҷониби соҳибкор вайрон карда шудааст. Аниқтараш, маблағҳои дар хотираи МНХ сабтшуда бо маблағҳои дар Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳо навишташуда мувофиқат намекунад. Маълум шуд, ки соҳибкор бидуни истифодаи МНХ таваккал карда, дафтари номбурдаро таваккалӣ пур кардааст. Кормандони мақомоти андоз нисбати ин амали номатлуби соҳибкор Ҷ. Сиддиқов баҳои арзанда дода, мутобиқи қисми 1 моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб доданд ва ӯро ба маблағи 9000 сомонӣ ҷарима намуданд.

Соҳибкори инфиродӣ Уткир Бобоев қаблан барои вайрон кардани Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳо аз ҷониби нозири минтақавӣ огоҳ карда шуда буд. Вале мавсуф ин амали худро аз надонистани тартиби пур кардани Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳо арзёбӣ намуда, ваъда дод, ки минбаъд ба чунин камбудӣ роҳ намедиҳад. Баъди чанд муддат гурӯҳи корӣ дар мағозаи ӯ хариди назоратӣ гузаронида, муайян намуд, ки мавсуф тартиби пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳоро вайрон намуда, аз мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода накардааст. Аъзоёни гурӯҳи корӣ ӯро барои бадқасдона вайрон кардани қонунгузории андоз дар асоси моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4000 сомонӣ ҷаримабандӣ намуданд.

Нисбати филиалҳои нуқтаҳои доруфурӯшии ҶДММ «Табиб-2013» ва ҶДММ «ДАР-ДАР» №35 низ ҳангоми хариди назоратӣ барои истифода накардан аз МНХ-и дорои ТИЭ ва вайрон намудани тартиби пешбурди Дафтари бақайдгирии пули нақд ва расидҳо протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, роҳбарони ширкатҳои номбурда ба маблағи 4000 сомонӣ ҷаримабандӣ карда шуданд.

Дар ҷараёни гузаронидани харидҳои назоратӣ аъзоёни гурӯҳи кории Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода фаъолияти зиёда аз 180 нафар соҳибкорро мавриди санҷиш қарор дода, дар фаъолияти 17 нафар соҳибкори инфиродӣ камбудиҳоро дар самти вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз ошкор намуд. Соҳибкорони инфиродӣ Ш. Дустова, Н. Сатторова, М. Мамадҷонов,Ф. Ғиёсов, Д.Қараева, Н. Арипов,О. Юлдошев, Р. Ибодуллоева, З. Раҷабов, Ш. Махмаев, М. Мамадҷонов, Х. Давлатов низ дар рафти гузаронидани хариди назоратӣ бинобар сабаби вайрон намудани қонунгузории андоз аз 2000 то 4000 сомонӣ ҷаримабандӣ карда шуданд.

Кормандони андоз дар баробари гузаронидани корҳои назоратӣ ба соҳибкорон дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавӣ, Дафтари пешбурди бақайдгирии пули нақд ва расидҳо, пешниҳоди эъломия ва ҳисоботҳои андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, онҳоро бо талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавриди амал қарордошта ошно менамоянд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**Н. НУРОВ**

## БЕЭЪТИНОӢ

*Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз кормандони мақомоти ҳудуди андозро ба ташвиш овардааст, сари вақт напардохтани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ мебошад.*



Вақте дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор аз хусуси бақияпулиҳои қарзи андоз аз молу мулки ғайриманқули шаҳрвандон пурсон шудем, сардори шуъбаи ташкилии андозбандӣ аз шахсони воқеӣ Р. Ҳукуматов иттилоъ дод, ки дар ҳақиқат, бақияпулиҳои андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар ноҳия боқӣ мондааст. Бояд қайд намоям, ки бештари бақияпулиҳои қарзи андоз аз молу мулки ғайриманқул аз солҳои пешин омада расидааст. Дар давоми 5 моҳи соли 2018-ум аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор мутобиқи талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеие, ки маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқулро насупоридаанд, огоҳинома ирсол гардидааст.

Мавсуф инчунин қайд кард, ки айни ҳол ҷамоати Шаҳрак аз ҳисоби андоз аз молу мулки ғайриманқул дар назди буҷет зиёда 50 ҳазор сомонӣ, ҷамоати Дарқад 25 ҳазор сомонӣ, ҷамоати Фархор 10 ҳазору 134 сомонӣ қарздор мебошанд. Дар маҷмӯъ, маблағи қарз аз шахсони воқеӣ дар ноҳия 146 ҳазору 139 сомониро ташкил медиҳад. Дар давоми 5 моҳи соли 2018-ум ба 145 нафар шахсони воқеӣ огоҳинома дода шудааст, ки маблағи умумии огоҳиномаҳо 12 ҳазору 77 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин 10 ҳазору 260 сомониаш пурра ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## Аренда жилья на сутки на время Чемпионата мира по футболу: от НДФЛ никто не освобожден

**За непредставление декларации по НДФЛ и неуплату налога в срок арендодателя оштрафуют**

Как сообщает УФНС по Краснодарскому краю, в преддверии Чемпионата мира по футболу ФНС России напоминает, что декларировать доходы от сдачи имущества в аренду нужно даже в том случае, когда дом или квартира сдается на сутки. При этом не имеет значения, как заключен договор – устно или письменно.

По закону налог может уплатить арендатор, удержав его из ежемесячной платы. Это возможно, если имущество арендует российская организация, российское подразделение иностранной организации, индивидуальный предприниматель, нотариус или адвокат. Если же жилье снимает иностранная организация, не зарегистрированная в России, или физлицо (причем неважно, россиянин, иностранец или лицо без гражданства), то подать декларацию и платить налог придется арендодателю.

Отчитаться о полученных доходах нужно будет до 30 апреля,



а заплатить налог до 15 июля следующего года.

http://taxpravo.ru

# Тамғагузорӣ - пешгирии канораҷӯӣ аз андозбандӣ

**Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. М. Давлатзода «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо дар мақомоти андоз» аз 09.08.2016 №291 тамоми нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории кишвар аз ҷониби кормандони мақомоти андози кишвар тамғагузорӣ карда шуда истодаанд.**




Ин тадбир бо мақсади таъмин намудани назорати андоз, баҳисобгирии пурраи объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, пешгирии ҳолатҳои канораҷӯӣ аз андозбандӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки ба харид (воридот) ва таҳвили сӯзишворӣ машғуланд, бо дарназардошти талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардa мешавад.

Ба хотири огоҳ шудан аз вазъи насбу мавриди истифода қарор додани тамғаҳо дар колонкаҳои НФС-ҳои ноҳияи Восеи вилояти Хатлон аз чанд НФС дидан намудем. Вақте ки ҳамроҳ бо мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Абдусаттор Ғафоров аз фаъолияти НФС-ҳои ин ноҳия ошно шудем, маълум гашт, ки соҳибкорон ба таври назаррас аз он истифода мекунанд.

Дар НФС-и ҶДММ "Умар", ки дар баробари доштани нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, инчунин нуқтаҳои таъмири наклиёт, фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ ва шустушӯи наклиёт дошт, муайян гардид, ки он ба соҳибкор Искандар Шарипов тааллуқ дошта, колонкаҳои он пурра тамғагузорӣ карда шудааст. Вале мушоҳида шуд, ки фурӯшандаи НФС Ибодат Ҳасанова аз МНХ истифода намекард. Аз ӯ сабаб пурсидем. Гуфт, ки МНХ корношоям буд, онро кормандони маркази хизматрасонии техникӣ барои таъмир бурданд.

Соҳибкор Искандар Шарипов мегӯяд, ки ҳамеша андозҳоро пардохт менамояд, чунки он қарзи шаҳрвандии ӯ буда, ба ин восита каме ҳам бошад, дар рушди кишвар саҳми худро мегузорад.

Тавре мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Абдусаттор Ғафоров қайд намуд, пештар колонкаҳои НФС-ҳо, ки ҳанӯз тамғагузорӣ нашуда буданд, аксари нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ даромади воқеии худро дар эъломияҳои андоз нишон намедоданд, ки ин ҳолат боиси ноадолатии андозбандӣ мегардид. Бинобар ин, мақомоти андоз барои бартараф намудани чунин номутобиқатиҳо усулҳои гуногуни назоратӣ, аз ҷумла тамғагузорӣ ва насби мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ)–ро дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ амалӣ намуд.

Ҳамчунин, вақте ки бо фаъолияти ҶДММ "Кӯлобнафтрасон", ки ба соҳибкор Зиё Фахриев тааллуқ дорад, шинос гардидем, маълум гашт, ки НФС аз чор колонка иборат буда, дутои он корношоям аст, вале дар ҳамаи онҳо тамға гузошта шудааст.

Номбурда гуфт, ки истифодаи тамға ба онҳо имконият медиҳад фаъолияти худро шаффоф амалӣ намоянд. Чунки ҳамаи он молу маҳсулоте, ки ӯ ворид менамояду ба фурӯш мебарорад, тавассути ҳисобкунаки ин тамға ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид ва фаъолияти софдилонаи ӯ муайян мешавад.

Дар хазинаи ин ҷамъият МНХ-и дорои ТИЭ насб карда шуда буд, аммо номбурда аз он ба таври зарурӣ истифода намекард. Вақте ки ба санаи чиптаи охирини МНХ назар кардем, маълум шуд, ки аз саҳар то соати 15:00 ба харидорон ҳамагӣ 9 чипта пешниҳод намудааст. Номбурда сабаби инро аз кам будани савдо маънидод намуд. Гуфт, ки дар ноҳия шумораи НФС-ҳо зиёд шудаасту аз ин ҳисоб савдои онҳо камтар гардидааст.

Ӯ гуфт, ки аз МНХ пайваста истифода менамояд, зеро он воситаи даромади воқеии ӯ буда, имконият медиҳад, ки ба мақомоти андоз нарафта ҳамаи маълумотро ба Кумитаи андоз пешниҳод намояд.

- Бо насб намудани чунин таҷҳизот фаъолиятамон ҳам осон ва ҳам шаффофтар гардид, - мегӯяд соҳибкор. - Яъне тамғаҳои гузошташуда ва МНХ, ки дар таркиби худ таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ доранд, ирсоли маълумотро оид ба таҳвили мол мустақиман, яъне тариқи онлайн ба махзани маълумоти Кумитаи андоз таъмин менамояд.

Нозири мутасаддии нозироти андози ноҳия Абдусаттор Ғафоров дар тақвияти гуфтаҳои соҳибкор илова намуд, ки то насб шудани чунин ҳисобкунакҳо ҳолатҳои пинҳон намудани маблағҳои андоз ва канораҷӯии соҳибкорон аз андозбандӣ зиёд ба чашм мерасид. Махсусан, бархе аз соҳибкорони ба воридот ва фурӯши сӯзишвории дизелӣ машғулбуда ҳисоботи худро таҳрифкорона пешниҳод намуда, маблағи андозро ночиз нишон медоданд, ки ин ҳолат аксар вақт миёни нозирони мутасаддӣ ва соҳибкорон боиси нофаҳмиҳо мегардид.

Зимни мушоҳида муайян шуд, ки колонкаҳои НФС-и ҶДММ "Шералӣ К" низ тамғагузорӣ карда шудаанд. Он дорои се колонка мебошад, дутояш бо тамға таъмин буда, дигараш аз сабаби нав будан ҳанӯз бо тамға таъмин нашудааст. Роҳбари ҶДММ Бобоев Қурбон гуфт, ки дар наздиктарин фурсат колонка бо тамға таъмин хоҳад шуд.

Ӯ гуфт, ки ҳамеша дар семинар-машваратҳое, ки мақомоти андоз баргузор менамояд, ширкат мекунад ва аз навигариҳои соҳа то андозае бохабар мешаванд. Ҳамеша кӯшиш менамояд, ки андозҳои давлатиро ба буҷаи кишвар пардохт кунад, чунки, ба гуфтаи ӯ, ин маблағ фардо ҳамчун нафақа ба ҷайби худаш бармегардад.

Номбурда оид ба истифодаи МНХ қайд кард, ки пеш аз МНХ-и дорои ТИЭ-ро насб намудан ҳар моҳ лентаи МНХ-ро гирифта ба мақомоти андоз мерафт ва саргардонии зиёд дошт. Аммо имрӯз бе мушкилӣ, вақте маблағро рақамчинӣ менамояд, он ба таври автоматӣ ба Кумитаи андоз меравад.

Дар маҷмӯъ, тавре мушоҳида шуд, қисми зиёди НФС-ҳои ноҳияи Восеъ бо тамға таъмин буда, кормандони мақомоти андоз доир ба ин масъала масъулият эҳсос мекунанд. Ҳарчанд, тавре мушоҳида шуд, буданд НФС-ҳое, ки бо МНХ таъмин набуданд ё колонкаҳои тамғагузоринашуда ба назар мерасид. Инчунин, дар баъзе ҳолатҳо соҳибкорони бемасъулият тариқи бочка ва сатил ба муштариён хизматрасонӣ мекарданд. Масъулони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ ваъда доданд, ки дар наздиктарин фурсат ин камбудиҳоро бартараф мекунанд ва кӯшиш менамоянд, ки ҳамаи колонкаҳои НФС-ҳо бо тамға таъмин бошанд.

Дар баробари ин, соҳибкоронро низ мебояд, ки барои насбу истифодаи колонкаҳои НФС-и худ ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд ва дар баробари ин, андозҳои давлатиро, ки қонун муқаррар намудааст, пардохт намоянд.

**М. ҶУМЪА,**
**Н. НУРОВ**

МОҲИ ИЮН » АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА « СОЛИ 2018

## ҚАЗОҚИСТОНИЁН АНДОЗ АЗ НАҚЛИЁТРО ХУДАШОН ҲИСОБ КАРДА МЕТАВОНАНД



**Соҳибони автомобилҳо худашон андоз аз наклиётро ба таври сода ва зуд ҳисоб карда метавонанд.**

Калкулятори махсус дар сомонаи Кумитаи даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон гузошта шудааст.

Калкулятор имкон медиҳад, ки маблағи андоз барои ҳар гуна категорияҳои наклиёт, аз ҷумла ҳавопаймоҳо ва наклиёти роҳи оҳан ҳам ҳисоб карда шавад. Бо ин мақсад параметрҳоро ворид карда, ҳамагӣ дар чанд сония маблағи андозро ҳисоб кардан мумкин аст.

Илова бар он, системаи мазкур дар ҳолати сари вақт пардохт накардани андоз андозаи пеня барои қарзро ҳам ҳисоб мекунад.

**Барои ҳисоб кардани маблағи андоз нишон додан зарур аст:**

*1. Соли андозпардохткунӣ;*

*2. Миқдори моҳҳои дар як сол андоз пардохткунӣ;*

*3. Навъи воситаи наклиёт;*

*4. Нишон додани диапазони ҳаҷми муҳаррик;*

*5. Нишон додани ҳаҷми воқеии автомобил.*

**https://news.mail.ru/economics/33651470/**

Боҷу Хироҷ
№24 (1121)
14 июни соли 2018





Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз шудааст.

# ҚАРЗДОРОНИ АНДОЗ АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

Шаҳрвандоне, ки аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул қарздоранд, дар шаҳри Душанбе хеле зиёд мебошанд. Ҳангоми гузаронидани санҷиш аз ҷониби мақомоти андоз ҳолатҳои зиёди пинҳонкунии андозҳо ва ба муҳлатҳои тӯлонӣ аз ҷониби соҳибмулкон пардохт нагардидани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ошкор шудаанд. Мо дар ҷадвали зерин танҳо рӯйхати соҳибмулкони ноҳияи Синоро, ки бақияпулиҳои андозашон аз ҳисоби объектҳои ғайриманқул дар ҳоли афзоиш асту онҳо дар пардохти маблағҳои қарзи худ саҳлангорӣ мекунанд, пешниҳод мекунем.

Ҳар шахсро мебояд дар пешрафти иқтисодиёт ва ободии Ватани худ саҳмгузор бошад. Сари вақт таъмин намудани маошу нафақаи шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва дигар омилҳои рӯзгузаронӣ аз сари вақт пардохт шудани андоз ва ғанӣ гардонидани буҷет вобаста мебошад. Бинобар ин, набояд дар пардохти андоз таъхир кард.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**Рӯйхати соҳибмулконе, ки дар назди буҷет аз андози молу мулки ғайриманқул ба ҳолати 01.06.2018 қарздор мебошанд**

| р/т | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиравии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Мақсудов Ҳамза | кӯчаи Федина 4 | 34137 |
| 2 | Каримов Маҳмадраҳим | кӯчаи Муҳаммадиева 71 | 13200 |
| 3 | Маҷидов Назрулло | кӯчаи Шоҳроҳи Айнӣ 7км. | 15305 |
| 4 | Мусофиров Комёр | кӯчаи Муҳаммадиева 72 | 86000 |
| 5 | Камолова Фирӯза | кӯчаи Абдуллобекова 1 | 42000 |
| 6 | Сайдалиев Абдулҳамид | кӯчаи Нахимова 64/1 | 6130,2 |
| 7 | Сафаров Исматулло | кӯчаи Нусратулло Махсум 105 | 15608 |
| 8 | Ҳайдаров Зикрулло | кӯчаи Нусратулло Махсум 128 | 5000 |
| 9 | Раҷабов Шералӣ | кӯчаи Раҳмон Набиев 94 | 23041 |
| 10 | Бобоев Зафарҷон | кӯчаи Шоҳроҳи Айнӣ б/р | 25051 |
| 11 | Кароматуллоев Ориф | кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ 2/1 Б | 86051 |
| 12 | Рӯзибоев Фозил | кӯчаи Лолазор хонаи 7/5 | 3442 |
| 13 | Алиев Аббос | кӯчаи Борбад 50 | 8159 |
| 14 | Баротова Раҷабгул | кӯчаи Нахимова хонаи 14 | 3352,8 |
| 15 | Бобоева Салтанат | кӯчаи Раҳмон Набиев 203 | 3552 |
| 16 | Шарипов Саломатшо | Испечак 2 | 5000 |

# Натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаи хронометражӣ

**Мутобиқи қисми 5 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши амалиётӣ аз ҷониби мақомоти андоз доир ба масъалаҳои ба сифати андозсупоранда ба ҳисоб гузоштан дар мақомоти андоз, дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, риояи талаботи қонунгузории андоз гузаронида мешавад.**

Тавре аз Нозироти андози ноҳияи Сино иттилоъ доданд, дар 5 моҳи соли 2018 кормандони мақомоти андози ноҳия дар фаъолияти 267 андозсупоранда, (42 нафар шахси ҳуқуқӣ ва 165 нафар соҳибкори инфиродӣ) санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. Нуқтаҳое, ки бидуни қайд дар ноҳияи Сино фаъолият мекарданд, 53 ададро ташкил медоданд. Дар рафти санҷишҳои амалиётӣ муайян шуд, ки 17 нафар коргари кироя бе шартномаи меҳнатӣ фаъолият мекарданд. Маблағи андозҳое, ки ошкор шудааст, андоз аз даромади шахсони воқеӣ 3709 ва андози иҷтимоӣ 7688 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Инчунин, маблағҳои ошкоршуда аз иҷораи молу мулк 1032 сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷониби кормандони Нозироти андози ноҳияи Сино 6 адад шахси ҳуқуқӣ ва 7 соҳибкори инфиродӣ бо мошини назоратӣ хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин гардонида шуданд.

Ҳамин тариқ, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ нисбати соҳибкороне, ки ба қонуншиканӣ роҳ додаанд, 87 протокол тартиб дода шуда, ба маблағи 125700 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ ва ба буҷет ворид карда шуданд.

Яке аз самтҳои дигари корҳои назоратӣ ин гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба ҳисоб меравад, ки он шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад. Инчунин, ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ин муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани иддае аз андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд.

Дар 5 моҳи соли 2018 аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Сино бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда фаъолияти 27 андозсупоранда таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудаанд. То давраи таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтан 27 андозсупорандае, ки таҳти муоинаи хронометражӣ қарор доштанд, манбаи андозбандишавандаро мустақилона ба ҳисоби миёна дар як моҳ дар маҷмӯъ, 755167 сомонӣ нишон дода, андозҳои муқарраршударо пардохт намудаанд. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ин андозсупорандагон нишон дод, ки даромади умумии андозсупорандагон баъд аз муоинаи хронометражӣ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 1253743 сомониро ташкил дода, фарқият 495448,4 сомонӣ мебошад. Дар рафти муоинаи хронометражӣ 14 коргари кироя мушоҳида гардид, ки бе бастани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб карда шудаанд. Нисбати ин андозсупорандагон барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи 51 000 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Воқеан, баъзе ҳолатҳои ногувори баамаломада мақомоти андозро водор месозад, ки бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда муоинаи хронометражӣ ва дигар санҷишҳои андозро гузаронанд. Аз ин рӯ, аз андозсупорандагон хоҳиш карда мешавад, ки қонунгузории андозро ҳамеша риоя намуда, барои сари вақт пардохт кардани андозҳо талош варзанд.

**Н. НУРОВ**

# Чаро бақияи қарзи андозҳо дар ҳоли афзоиш аст?

Возеҳ аст, ки рушду нумӯи иқтисодиёти ҳар мамлакат, пеш аз ҳама, аз фаъолияти корхонаву ташкилотҳо ва андозсупорандагон вобастагӣ дорад. Ҳарчанд ки имрӯз бештари корхонаҳои ҷумҳурӣ фаъолияти назаррас дошта, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми калон гузошта истодаанд, мутаассифона, дар шаҳру минтақаи Кӯлоб бақияи қарзи андози корхонаҳо яке аз масъалаҳои ташвишовар ва ҳалношуда боқӣ мондааст. Аз бемасъулиятии соҳибмулкон ва кооперативҳои тиҷоратӣ бақияи қарзи андоз рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст.

Шумораи зиёди андозсупорандагонро метавон мисол овард, ки дар назди буҷет миллионҳо сомонӣ қарздоранд. Оё метавон бо чунин камфаъолиятии корхонаҳо буҷети кишварро пур кард? Ба хотири огаҳӣ пайдо намудан аз вазъи бақияи қарзи андоз ва омилҳои боло рафтани он роҳ пеш гирифтем сӯи ноҳияи Фархор. Афзоиш ёфтани бақияи қарзи андози шаҳру минтақаи Кӯлоб на танҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳӣ, балки роҳбарияти Кумитаи андози ҷумҳуриро низ нигарон кардааст. Бақияи қарзи андоз дар ноҳияи Фархор ба ҳолати 01.05.2018 ба 13 млн. 012609 сомонӣ расидааст. Дар нозироти андози ноҳия ба мо гуфтанд, ки яке аз омилҳои зиёдшавии қарзи андоз аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ мебошад. Тавре сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор Ҳасан Абдуалимов иттилоъ дод, имрӯз дар ноҳияи Фархор мӯҳиби боло рафтани бақияи қарзи андоз ин бештар аз ҳисоби Хоҷагии зотпарварии «Ҳисор» ва кооперативҳои тиҷоратӣ мебошад. Бақияи қарзи Хоҷагии зотпарварии «Ҳисор» ба ҳолати 01.05.2018 ба 2 миллиону 632 ҳазору 940 сомонӣ расидааст.



Корхонаи воҳиди давлатии обу корези ноҳия ба маблағи 1 миллиону 632 ҳазору 455 сомонӣ бақияи қарзи андоз дорад. ҶДММ «Беназир Инвест» 603 ҳазору 338 сомонӣ дар назди буҷет қарздор аст. ҶДММ «Фарзона» низ аз инҳо мондание надорад, он дар назди буҷет ба маблағи 243 ҳазору 941 сомонӣ қарздор аст. КВД «Гидро сохтмон» 498 ҳазору 208 сомонӣ, ҶДММ «Адолат А» 162 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андоз доранд. Дар айни ҳол, дар ноҳияи Фархор 442 адад хоҷагӣ аз ҷумла кооперативҳои тиҷоратӣ дар назди буҷет миллионҳо сомонӣ аз андоз қарздор мебошанд. То ҳол дар ҳудуди ноҳия шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 3505 адад мебошанд ва шумораи кооперативҳои тиҷоратӣ ба 866 адад расидааст. Ҳамзамон, дар ноҳияи Фархор 279 соҳибкор тибқи шаҳодатнома ва 824 нафар бо патент фаъолият мекунанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**ша ҳри Кӯлоб**

# Нозироти андоз - СОҲИБИ БИНОИ НАВ

**Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андоз моҳи апрели соли равон бунёди биноии нави Нозироти андози ноҳияи Деваштич оғоз гардида, айни ҳол корҳои сохтмонӣ дар он ҷараён доранд. Дар асоси нақша биноии нави Нозироти андоз дар ноҳияи Деваштич дар арафаи ҷашни Истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода хоҳад шуд.**

Тибқи лоиҳа биноии нави Нозироти андози ноҳияи Деваштич аз ду ошёна ва таҳхона иборат мешавад. Дар ошёнаи якум терминали пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ, нуқтаи қабули маблағҳои шуъбаи ноҳиявии «Амонатбонк» ва дигар ҳуҷраҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷой дода мешаванд. Ошёнаи дуюм 8 ҳуҷраи кории кормандон ва толори маҷлисро дар бар мегирад. Дар таҳхона барои тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ба варзиш машғул шудани кормандони нозироти андоз дар лаҳзаҳои фориғ аз кор толори хурди машқу тамрин бо таҷҳизоти варзишӣ ташкил карда мешавад. Дар шафати биноии нозироти андоз, ҳамчунин, ошхона барои кормандони он ба фаъолият шурӯъ мекунад.

Дар баробари ба истифода додани биноии нави Нозироти андози ноҳияи Деваштич ҳуҷраҳои кории кормандон низ бо таҷҳизоти муосири корӣ, аз ҷумла компютерҳо, принтерҳо ва дигар лавозимоти техникии ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонида мешаванд.

- Биное, ки алҳол мо дар он фаъолият дорем, солҳои 30-юми асри гузашта сохта шуда, хеле фарсуда мебошад,-зикр дошт сардори Нозироти андози ноҳияи Деваштич Баҳрилло Раҳмонов. Ҳарчанд барои кормандон то андозае шароити корӣ муҳайё карда шудааст, вале барои таъмини хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мутаассифона, дар ин биноии якошёнаи кӯҳна имкониятҳо хеле маҳдуд буданд.

- Хушбахтона, ба туфайли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқарории ҳаёти ором у осоишта дар кишвар бо дарназардошти саҳми кормандони мақомоти андоз дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат имрӯз барои мо - кормандони нозироти андоз ва ҳам андозсупорандагони ноҳияи Деваштич биноии нав бо шароити лозимаи корӣ сохта шуда истодааст,- изҳори қаноатмандӣ дошт Баҳрилло Раҳмонов. Ба истифода дода шудани биноии нави нозироти андоз дар рӯзҳои таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки минбаъд хизматрасониро ба андозсупорандагон беҳтар ба роҳ монем ва барои боз ҳам ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ ва таъмини рушду пешрафти иқтисодиёти мамлакат дучанд фаъолият намоем.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**Бақияи қарзи андоз дар ноҳияи Темурмалик ба ҳолати 1-уми майи соли ҷорӣ ба зиёда аз 7,5 млн. сомонӣ расидааст. Кормандони Нозироти андози ноҳия яке аз омилҳои болоравии бақияи қарзи андозҳоро дар ҳудуди ноҳия аз бемасъулиятии андозсупорандагон мебинанд.**

# ИСЛОҲИ КАМБУДИҲО



Тибқи иттилои сардори Нозироти андози ноҳия Маҷиддин Каримов айни ҳол 7971 нафар андозсупоранда ва шахсони воқеӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин ҳамчун андозсупоранда 7183 нафар дар қайди нозироти андоз мебошанд. Бақияи қарзи андоз дар ноҳияи Темурмалик яке аз масъалаҳои ташвишовар гардидааст. Мавсуф муҷиби болоравии бақияпулиҳои қарзи андозро дар ноҳия аз ҳисоби хоҷагиҳои кишоварзӣ унвон кард. Алҳол дар нозироти андози ноҳия 760 адад хоҷагии деҳқонӣ ва инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 12 адад кооперативи тиҷоратӣ мебошанд.

Аз нозироти андози ноҳия ба мо гуфтанд, ки бештари бақияпулиҳои қарзи андоз дар ноҳияи Темурмалик аз солҳои пешин то ба имрӯз боқӣ мондааст. Дар ин ноҳия бақияпулиҳои андоз аз молу мулки ғайриманқул низ мушоҳида мешавад. Ба ҳолати 1-уми январи соли 2018 бақияи қарзи андоз аз молу мулки ғайриманқул 12 ҳазор сомониро дар бар мегирифт. Дар 5 моҳи соли ҷорӣ бо талоши кормандони нозироти андоз бақияпулиҳо аз молу мулки ғайриманқул пурра ҷамъоварӣ ва ба буҷет ворид гардидааст. Нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ноҳия 109% иҷро шудааст.

Дар ин давра кормандони мақомоти андози ноҳия 14 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои андозсупорандагонро ошкор намуда, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидаанд. Маблағи ҷаримаҳои татбиқшуда 9,2 ҳазор сомониро дар бар мегирад, ки аз ин ба буҷаи ҷумҳурӣ 6,5 ҳазор сомониаш ворид гардидааст. Бояд қайд намуд, ки барои сари вақт ҷамъоварӣ намудани андозҳо аз ҷониби кормандони андози ноҳия як қатор корҳо анҷом дода шудаанд. Аз он ҷумла 21 адад субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродӣ дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуданд. Айни ҳол дар ноҳияи Темурмалик миқдори субъектҳои хоҷагидор ба 1461 адад расидааст. Аз ин 308 адад шахси ҳуқуқӣ, 384 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 89 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда қайди расмӣ доранд. Омили дигаре, ки боиси ташвиш шудааст, бақайдгирии хоҷагиҳои кишоварзӣ (инвентаризатсия) мебошад. Тавре аз Кумитаи заминсозии ноҳия иттилоъ доданд, айни замон 781 хоҷагии кишоварзӣ амал мекунанд, ки аз ин 704 хоҷагии кишоварзӣ ҳамчун андозсупоранда дар нозироти андози ноҳия ба қайд гирифта шудаанд. Бо мақсади баҳисобгирии хоҷагиҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати ба андозбандӣ пурра ҷалб намудани объектҳо аз ҳисоби кормандони андоз ва кормандони ҷамоатҳои деҳот гурӯҳи корӣ ташкил гардидааст.

Кормандони мақомоти андози ноҳияи Темурмаликро зарур аст, ки пайи беҳбудии кор бошанду камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ ва бақияи қарзи андозро кам намоянд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**



# Путин: паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳадафи андозҳо аст

**Вазифаи маневрҳои андозӣ зиёд кардани шумораи одамони камбизоат набуда, балки кам кардани шумораи онҳо аст, гуфт президенти Россия В.Путин ҳангоми мулоқоти телевизиониаш ба аҳолии кишвар.**

«Мо бо ҳамин самт равонаем (паст кардани камбизоатӣ) ва мо ҳамин вазифаро, яъне коҳиш додани шумораи одамони камбизоатро бояд ҳал кунем. Азнавтақсимкунии системаи андозу буҷет на ба самти афзоиш додани шумораи одамони камбизоат, балки кам кардани онҳо аст», изҳор дошт Путин.

«Сухан дар бораи он меравад, ки дар фаъолияти андозӣ ва фискалиамон мо бояд андак гардише ба амал орем ва манбаъҳоро, аз ҷумла ба ҳалли кам кардани шумораи одамони камбизоат равона кунем. Шароите ба вуҷуд овардан зарур аст, ки ҳангоми он давлат маҳз ба одамоне кӯмак карда тавонад, ки ба он ниёз доранд, яъне кӯмак бояд ҳадафманд бошад», гуфт президент.

https://news.mail.ru/politics/33713948/



# САНҶИШ ДАР ШОҲРОҲ

**Дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 2018, №628 с/х бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», инчунин, назорати ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ (ҳуҷҷати харид) ва бо дарназардошти муҳимияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи моли интиқолдодашуда аз тарафи соҳибони борҳо ва воситаҳои нақлиёт дар якҷоягӣ бо кормандони шуъбаҳои РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ дар ҳудуди шоҳроҳи Истаравшан – Ҷ. Расулов- Спитамен сафарбар гардид.**

Роҳбари Гурӯҳи корӣ- мутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз Ҷомии Абдураҳмон изҳор кард, ки дар рафти амалиёт корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Аз ҷумла, дар ҷараёни гузаронидани корҳои таҳлилию назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар фаъолияти 12 нафар андозсупоранда ба маблағи 5846,7 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб намудани маблағи андозҳоро ошкор гардида, пардохти 3467,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Нисбати 22 андозсупоранда бо дастрасии моддаҳои 599,601 ва 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нанавиштани ҳисобнома – фактураҳои ААИ, таъмин накардани баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолият ҳангоми интиқоли молу маҳсулот ва сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ба маблағи 224,6 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидааст.

Ҳамчунин, нисбати 14 нафар шахси воқеии, бе қайд дар мақомоти андоз барои ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ – ба кашонидани борҳо машғул гардидан, бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 21,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шудааст. Дар рафти гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 109 шахси воқей бо патенти соҳибкорӣ таъмин карда шуданд, ки аз ҳисоби моҳи аввали бақайдгирӣ 23,2 ҳазор сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидаанд.

Роҳбари Гурӯҳи корӣ мегӯяд, тавре рафти санҷиши амалиётӣ нишон дод, на ҳамаи андозсупорандагоне, ки молу маҳсулоти худро тавассути роҳҳо интиқол медиҳанд, ба ронандагон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи интиқоли маҳсулот додаанд.

Бояд қайд кард, ки Гурӯҳи корӣ якчанд ширкатеро ошкор намуд, ки амалиёти анҷомдодаи онҳо моҳияти назарраси иқтисодӣ надошта, молҳои дигар андозсупорандагонро ба номи ширкатҳои худ ба расмият медароварданд. ҶДММ «Навзар - 1», ҶДММ «Ансор 2017», ҶДММ «Некрӯз -2016» аз ҷумлаи ширкатҳоеанд, ки онҳо молҳои андозсупорандагони алоҳидаро ба номи худ ба расмияти гумрукӣ даровардаанд, ҳамзамон, чуноне маълум шуд, фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надоштаанд.

Ин аст, ки нисбати ҶДММ «Навзар-1» дар ҳаҷми 1975,0 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб намудани маблағи андозҳо ошкор карда шуд. Дар натиҷа, ҷамъияти мазкур бо гирифтани огоҳинома ба нозироти андоз эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд. Дар рафти фаъолият пардохти 799, 0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шудааст. Ҳамзамон, барои нанавиштани ҳисобнома- фактура нисбати ҷамъият дар ҳаҷми 20,1 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ низ татбиқ шудааст.

Ғайр аз ин муайян шудааст, ки ҶДММ «Некрӯз 2016» дар давоми соли 2017 ва 4 моҳи соли 2018 ба маблағи 21576,6 ҳазор сомонӣ маҳсулотро аз хориҷа ворид намуда, ҳамагӣ як маротиба ба маблағи 1,5 ҳазор сомонӣ андозҳоро пардохт кардааст. Қарзи андози ҷамъият (ба ҳолати 27 апрели соли 2018) 456,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Айни ҳол, ҷиҳати рӯёнидани қарзи андоз молу маҳсулоти ҷамъият ба ҳабс гирифта ва ба фурӯш гузошта шудааст.

Гурӯҳи корӣ, ҳамчунин, ҳолатҳои дар ҳисоботи андозӣ нишон надодани даромади андозбандишаванда ва кам ҳисоб намудани маблағи андозҳоро дар фаъолияти ҶДММ «Хубон» ба маблағи 30,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сино-90» ба маблағи 165,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Султони Ҳаким» ба маблағи 15,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Парвизи Мирзо» ба маблаги 67,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Барор- 73» ба маблағи 21,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Қуллаи меҳр» ба маблағи 70,0 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ «Актив И. Э» ба маблағи 539,2 ҳазор сомонӣ ошкор кард.

Инчунин, тавре муайян шудааст, ҶДММ «Шукрия - А», ки ба воридот ва фурӯши молҳои ниёзи мардум машғул аст, ҳангоми таҳвили молҳои худ ба андозсупорандагон ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди молро пешниҳод накардааст. Дар натиҷа, нисбати ҷамъият бо дастрасии моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 19,8 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ татбиқ шудааст. Дар рафти фаъолият 8,3 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст.

ҶДММ «Бинокор 95» ҳам, ки ба таҳвили молҳо машғул будааст, маҳсулоти худро бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (борхат ва ҳисобнома - фактура) ба расмият даровардааст, ки ин, албатта, қонуншикании андоз ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ молҳо ба расмият дароварда шуданд. Ҳамзамон, нисбати ҷамъият тибқи талаботи моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 19,5 ҳазор сомонӣ протоколи маъмурӣ татбиқ ва пардохти маблағ ба буҷет таъмин гардид.

Бояд қайд кард, ки дар ин давра, дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар ҳудуди шаҳри Истаравшан ва ноҳияҳои Ҷаббор Расулову Спитамен 109 нафар барои ба фаъолияти кашонидани борҳо ва мусофирон машғул шудан бо патент таъмин карда шуданд. Инчунин, 14 нафар барои бе қайд дар мақомоти андоз машғул гардидан ба соҳибкории ғайриқонунӣ ҷамъ ба маблағи 21,0 ҳазор сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 38,4 ҳазор сомонӣ кам карда шуд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

**МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**

# Дар Шарқи дур барои растаниҳо андоз ҷорӣ карданианд

**Масъалаҳои ҷалби шаҳрвандон ба ҷамъоварии растаниҳои худрӯй баррасӣ мегардад.**

Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия дар ҳамкории муштарак бо оҷонсии рушди сармояи инсонӣ дар Шарқи Дур масъалаҳои ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти қонунии ҷамъоварии растаниҳои худрӯро баррасӣ мекунанд, гуфтаст муовини вазири Россия оид ба рушди Шарқи Дур Сергей Качаев.

Соҳаи ҷамъоварӣ ва кор карди растаниҳои худрӯй аз нazари технологӣ ва маркетингӣ дар ибтидои рушдёбӣ қарор дорад, қайд кардааст вай. «Манбаъ мавҷуд аст, тарзи ҷамъоварӣ ва бо дасти кӣ ҷамъоварӣ шудани он кори иловагӣ талаб мекунад, то ин ки соҳа ба манфиати аҳолӣ хизмат кунад», қайд кардааст муовини вазир.

Ҳоло дар Шарқи Дур қариб 5 ҳазор нафар одам ба ҷамъоварии растаниҳои худрӯй машғуланд, ҳол он ки ба ин соҳа беш аз 20 ҳазор одамро ҷалб кардан мумкин аст.

Қаблан Вазорати молия пешниҳод карда буд, ки барои даромади шахсони барои худ коркунанда андоз ҷорӣ карда шавад ва меъёри андоз барои шахсоне, ки барои худ кор мекунанд, 3% ва барои шахсони ҳуқуқӣ 6% муқаррар гардад.

http://taxpravo.ru

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки аз пардохти маблағи андозҳои аз уҳдадории давраи ҳисоботӣ зиёд худдорӣ намоед.

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед.

Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур, шумо метавонед бо рақами телефонии содакардашудаи 151 ва ё хаттӣ ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**



МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

**УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!**

Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас воздержаться от уплаты излишних налогов текущего периода.

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации.

В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов, можете обращаться в Контакт – центр Налогового Комитета по телефонному номеру 151 или письменно.

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**


# ПЕШНИҲОДИ «ДӮСТӢ», БАҲСҲОИ МАЗҲАБӢ

## нишонаи аввали ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ таъкид карда буданд, ки мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ, кибертерроризм ва ҷиноятҳое, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ содир мегарданд, ҷоннок намоянд.**

Чанд моҳи охир паҳншавии маълумоти дурӯғ ва дастраси дигарон гардидани маълумоти шахсии корбарон дар Facebook ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ ба мавзӯи баҳси сиёсатмадорону таҳлилгарон ва коршиносон табдил ёфтааст.

Пештар аз ин, «Лоиҳаи мубориза бо терроризм» – як ташкилоти ғайриҳукуматии Амрико, пас аз таҳлили шуморе аз саҳифаҳои фейсбукии истифодабарандагони ин шабакаи иҷтимоӣ дар 96 давлати ҷаҳон эълон дошт, ки Facebook ба аъзои созмони террористии ба ном «Давлати исломӣ» кумак мекунад.

Грегори Уотерс ва Роберт Постингс, онҳое, ки ин таҳқиқотро гузаронидаанд, ба The Daily Telegraph гуфтаанд, ки «пас аз як маротиба ворид шудан ба саҳифаи фейсбукии ҷонибдорони гурӯҳи террористии «Давлати исломӣ» дар Филиппин Facebook ба онҳо корбарони дигари ин шабакаро аз саросари ҷаҳон, ки онҳо низ аъзои ин гурӯҳи террористианд, ҳамчун дӯстони эҳтимолӣ пешниҳод намудааст».

Муҳаққиқон аз як ҷонибдори гурӯҳи террористии «Давлати исломӣ» аз Индонезия мисол меоранд, ки тариқи Facebook бо як сокини шаҳри Ню-Йорк дӯстӣ пайдо карда, ба ӯ матлабҳои тарғибкунандаи ғояҳои террористӣ мефиристад ва пас аз шаш моҳ амрикоии аз дин умуман бехабар ҷонибдори гурӯҳи террористии «Давлати исломӣ» мешавад.

Нафаре, ки мехост дар арафаи таҷлили иди мазҳабии мелод дар Британияи Кабир амали террористӣ содир кунад, аз ҷониби аъзои гурӯҳи террористии «Давлати исломӣ» бо пешниҳоди Facebook ҷалб ва ташвиқ шуда буд.

Грегори Уотерс ва Роберт Постингс гуфтаанд, ки дар се моҳи аввали соли 2018 дар Facebook тақрибан 2 миллион матлабҳои таблиғкунандаи терроризм ва ифротгароӣ, ки ба гурӯҳҳои террористии «Давлати исломӣ» ва «Ал — Қоида» рабт мегиранд, нашр гардидаанд. Кормандони шуъба ва барномаи махсусе, ки матлабҳои дорои хусусияти ифротиро ошкор ва пок месозанд, наметавонанд ҳамаи матлабҳоро сари вақт аз саҳифа тоза намоянд.

Аз ин изҳороти муҳаққиқон хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста ба андешидани тадбирҳо, ҳоло ҳам матлабҳои зиёди дорои хусусияти ифротӣ ва таблиғкунандаи терроризму экстремизм дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд паҳн мешаванд. Пас, оё истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон аз ин хатар эминанд?

Феълан 1,6 миллион ё 19 % аҳолии Тоҷикистон ба интернет дастрасӣ доранд. Ҳар рӯз ҳазорҳо одамон ба шабакаҳои иҷтимоӣ ворид шуда, маводи хонданӣ, расм ва видео мегузоранд ва саҳифаҳои дигаронро мутолиаву тамошо менамоянд. Дӯстони зиёд пайдо намуда, суҳбатҳо мекунанд, андешаҳояшонро менависанд, ба матлабҳои писандидаашон «лайк» мегузоранд. Аммо на ҳамеша ва на ҳар нафар дарк мекунад, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғ ва ташвиқ хеле моҳирона истифода мешавад. Аз ин сабаб, баъзан огоҳона ва баъзан ноогоҳона ба доми таблиғгарону ташвиқгарони гурӯҳҳои ифротиву экстремистӣ меафтанд. Пас аз мутолиа ва мушоираи зиёд баъзеҳо наметавонанд сиёҳро аз сафед фарқ кунанд. Аъзои гурӯҳҳо мешаванд ва ба таблиғи матлаби ифротгароӣ оғоз мекунанд. Бехабар аз он ки ин амали онҳо ғайриқонунӣ аст ва тибқи қонунҳои кишвар барои он ҷазо пешбинӣ шудааст.

Чанде пештар суди вилояти Хатлон сокини ноҳияи Вахш Алиҷон Шариповро барои «ташвиқ тарғиби маводи дорои хусусияти экстремистиву террористӣ ва пайравӣ аз ақидаҳои ифротӣ» ба 9,5 соли зиндон маҳкум кард. Алиҷон Шарипов соли 2017 ҳангоми дар Россия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштан, тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои таблиғотии ҳизби мамнӯъи наҳзатро тамошо карда, зерашон «класс» мондааст ва онҳоро ба дигарон фиристодааст. Пас аз бозгашт аз муҳоҷират ба таблиғу ташвиқи ақидаҳои ифротии худ идома додааст. Ӯ дар мурофиа ба гуноҳаш иқрор шуда, гуфтааст, ки «намедонист ин ҳизб дар Тоҷикистон экстремистиву террористӣ эълон шуда, ташвиқи ақидаи онҳо ҷиноят ҳисоб мешавад». Дар ҳоле, ки тариқи ВАО дар бораи хатари ин ҳизбу дигар гурӯҳҳои ифротӣ ҳар рӯз гуфта мешавад.

Моҳи феврали соли 2018 суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Ҷомадов Нурхонро барои сӯиқасди ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо гунаҳгор донista, ӯро ба мӯҳлати 6 сол аз озодӣ маҳрум кард. Дар ҳукми суд, аз ҷумла, гуфта мешавад, ки Ҷомадов Нурхон Амрохонович моҳи июни соли 2012 ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳри Владивостоки Россия рафта, тавассути сомонаҳои иҷтимоии интернетии «Одноклассники» ва «Зелло» ба аъзои ташкилоти террористӣ-экстремистии ба ном «Давлати исломӣ» Абдураҳмон Гадоев, ки шахсияташ ба тафтишот номаълум мебошад, шиносой пайдо намуда, даъватҳои ӯро оид ба иштирок дар ҳайати ин ташкилоти террористӣ дар ҳудуди Сурия қабул ва ҷонибдорӣ намуда, сипас қасди ба Сурия рафтан ва дар якҷоягӣ бо дигар аъзои ин ташкилоти террористӣ — экстремистӣ «ҷиҳод» содир намудан кардааст».

31 октябри соли 2015 суди вилояти Хатлон сокини ноҳияи Хуросон Илҳомиддин Алланазаровро, ки бо номи «Худо нигаҳбон» бо радиои интернетии «Zello» ҳамкорӣ намуда, узви созмони фаъолияташ манъшудаи «Гурӯҳи 24» будааст, се сол аз озодӣ маҳрум кард. Ӯ тариқи интернет дар бораи фаъолияти радиои «Zello», яке аз пойгоҳҳои сарҷамъшавии ифротгароҳову экстремистҳо маълумот гирифта, бо номи рамзии «Худо нигаҳбон» ба созмони «Гурӯҳи 24» шомил шудааст ва ҳамдеҳаҳои худро ба тарафдории созмони «Гурӯҳи 24» даъват намудааст.

Ин мисолҳои мушаххасе буданд, ки сокинони Тоҷикистон тариқи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ пайваст шуда, ҷиноят содир намудаанд. Тибқи маълумоти расмии интишоршуда, 80 дарсади иштирокчиён дар ҷангҳои мазҳабӣ аз Тоҷикистон тавассути шабакаҳои интернетӣ ба ташкилотҳои террористӣ шомил шудаанд.

Танҳо дар Россия 28 нафар шаҳрванди Тоҷикистон барои тарғибу ташвиқи ифротгароиву экстремизм тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва тарҳрезии амалҳои террористӣ ба кофтуков байналмилалӣ дода шудаанд.

Суоле пайдо мешавад, ки оё имкони пешгирӣ аз паҳншавии маводи дорои хусусияти террористиву ифротгароӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад?

Коршиноси масъалаҳои технологияҳои интернетӣ Рустам Гулов мегӯяд, ки пурра идора ва назорат кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва умуман интернет ғайриимкон аст. Механизми ягонаи назорати шабакаҳои иҷтимоӣ ҳоло мушаххас нашудааст. Ҳалли ин мушкил бештар аз дониш ва саводи истифодабарандагон вобаста аст.

Нафаре, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебарад, чӣ кор бояд кунад, то ба доми ифротгароҳову террористоне, ки тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ одам ё «дӯст» мекобанд, гирифтор нашавад?

Рустам Гулов мегӯяд, ки ҳар нафаре, ки аз интернет истифода мекунад, ба маълумоте, ки дар он паҳн мешавад, бояд бо назари интиқодӣ нигарад.

«Пешниҳоди «дӯстӣ»-и нафаронеро, ки дар зиндагии ғайримаҷозӣ намешиносад, қабул накунад. Кӯшиш бояд кунад, ки ба баҳсҳои динӣ ҳамроҳ нашавад, зеро сатҳи дониши динии ҳар нафар дар ҳамин гуна баҳсҳо муайян мегардад ва ифротгароҳову экстремистҳое, ки мехоҳанд ин нафарро ба ҳаракатҳои ифротӣ ҷалб кунанд, маҳз аз дониши сусти динии ӯ истифода мекунанд», — мегӯяд Рустам Гулов.

Канор гузоштани маводи иттилоотиву омӯзишӣ ва ба тарғиботу ташвиқи ифротгароён дода шудани баъзе аз корбарони шабакаҳои иҷтимоиро устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, равоншинос Маҳмадулло Давлатов ба тарбияву ҷаҳонбинӣ ва шуури ҳар шахс вобаста медонад. Агар шахс босавод, ботарбия, дорои ҷаҳонбинии васеъ, огоҳ аз муқаддасот ва арзишҳои имрӯзи ҷомеа бошад, ба гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ ҳеҷ гоҳ пайваст намешавад.

Маҳмадулло Давлатов таъкид мекунад, ки ҳар шахс бояд маънои зиндагии худро ёбад, бояд муайян кунад, ки барои чӣ ва кӣ зиндагӣ мекунад. Агар маънои зиндагиро ёфт, пас ҳама мушкили зиндагиро пушти сар мекунад.

Пас чӣ бояд кард, ки инсон, махсусан наврасон ва ҷавонон маънои зиндагии худро дуруст пайдо намоянд?

Посухи равоншинос Маҳмадулло Давлатов ба ин суол мушаххас ва амалишаванда аст: «Оила, мактаб ва ҷомеа бояд бо ҳам ҳарчӣ бештар пайваст бошанд. Аммо аз ҳама ин се, оила нақши калидӣ бозӣ мекунад. Агар дар оила тарбия дар сатҳи хуб бошад, фарзанд солим тарбия меёбад. Бояд ба фарзанди худ вақт ҷудо кунем, пурсем, ки бо чӣ кор машғул аст, дар бораи чӣ фикр мекунад, чиро мехонад ва тамошо мекунад. Бояд ба хурдтарин тағйирёбӣ дар рафтору гуфтору кирдори фарзандон таваҷҷуҳ кунем. Аз як ҳарфу рафтори кӯчак фаҳмидан мумкин, ки фарзанд ба кадом самт равона аст».

Дар асри муосир, ки асри иттилоот ва технологияи интернетӣ гуфта мешавад, фарқи маълумоти дуруст аз нодуруст, таблиғу ташвиқи ғаразнок аз иттилои сареъ ва дар умум «сиёҳ» аз «сафед» муҳим аст. Пас бояд ҳар нафар кӯшиш кунад, ки «кӣ» ва «чӣ»-и худро ёбад ва ба доми тазвири дигарон наафтад.

**АМИТ «Ховар**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Интаҷ» (РЯМ- 0210021378, РМА-020044946), воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Суҳроб-92» (РМА 520007008) воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Фаридабону» (РЯМ-0310018684, РМА-030030181), воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Кӯҳкан таркиш» (РМА 520007515) воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ҷаҳон-Ака» (РМА 010091879) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ ТҚХ«Рушди Восеъ» (РЯМ-1910001940), воқеъ дар ноҳияи Восеъ барҳам мехӯрад.

■ Ширкати комили «Баракат-100» (РЯМ-1610003185) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав барҳам мехӯрад.

■ М. Н. М. «Элита» (РЯМ- 0310002147, РМА-030017212), воқеъ дар ноҳияи Исмоли Сомонӣ барҳам мехӯрад.

■ Намояндагии ҶДММ «Рушон» (РМА-64005282), воқеъ дар шаҳри Бӯстон барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Маҳмадшо» (РЯМ-3810000297), воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус барҳам мехӯрад.

■ АИО «Оби зарнисори Вахш» (РЯМ-2910000280), воқеъ дар ноҳияи Вахш барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии маркази ҷамоавии тухмии «Яккатут» дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти рақами ИҶ:390 аз 9 августи соли 2012 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамиятии «Муҳоҷират»-и-и вилояти Хатлон, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти рақами ИҶ-130 «А» аз 29 декабри соли 2007 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ Корхонаи давлатии нигоҳдории иншоотҳои коммуналии шаҳраки Оби гарми кӯчаи Ненахов (РЯМ-0610001095), воқеъ дар шаҳри Роғун барҳам мехӯрад.

■ Корхонаи давлатии «Обу коррез» (РЯМ-0610001297), воқеъ дар шаҳри Роғун барҳам мехӯрад.

■ Корхонаи давлатии «Кабудизоркунӣ» (РЯМ-0610001289), воқеъ дар шаҳри Роғун барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Немонов Ғиёсиддин (РЯМ 0430206545) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафурова Соҳиба Ҷӯраевна (РЯМ-0330141680) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шодиев Мирзотоҳир (РЯМ-6430004240) аз шаҳри Бӯстон бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қутбиддинов Фурқат (РЯМ-6230040493) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳаммадизода Хушбахт Абдураҳмонӣ (РЯМ-6230133315) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Қурбоналӣ (РЯМ-0930105413), аз шаҳри Ҳисор бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии ҶДММ «Муҳаммад Алӣ» (РЯМ- 2910002545),з ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Саидмурод (РЯМ-2930010518), аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи ҶДММ «Дилангез - 2012», (РМА- 280012972), аз шаҳри Бохтар бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Гувоҳномаи ҶДММ «Дилангез-2012», (РМА-280012972), аз шаҳри Бохтар бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бойназаров Қурбон №0221935 (РЯМ-3830029720), аз ноҳияи Шаҳритус бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи муассисаи таълимии таҳсилоти асосии №8 (РЯМ- 4210000713), воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошев Акбар №0018554 (РЯМ-3830029345), аз ноҳияи Шаҳритус бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шарипова Мастонгуль (РЯМ-0530168430), аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нуруллоев Намоё (РЯМ-0530072465), аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО
Media group/Tajikistan ASIA-Plus
imon international
durandesh
Бочу Хироч
Фараҳ - 2018
ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БОНУИ СОҲИБКОРИ СОЛ

# ДИҚҚАТ! ДИҚҚАТ!

Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон бо мақсади ҷалб намудани диққати ҷомеа ба рушди соҳибкории бонувон ва ҷорӣ намудани таҷрибаи онҳо байни занону ҷавондухтарони кишвар оғози баргузории озмуни навбатии Бонуи соҳибкори сол - Ҷоизаи «Фараҳ-2018»-ро эълон менамояд.

Ғолиби Шоҳ-Ҷоиза аз тарафи ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" бо мукофоти арзандаи пулӣ сарфароз гардонида мешавад.

**Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:**

- Соҳаи истеҳсолот
- Соҳаи кишоварзӣ
- Соҳаи ҳунарҳои мардумӣ
- Соҳаи хизматрасонӣ (кошонаи ҳусн, сехи дӯзандагӣ, IT, web-сайт, меҳмонсарову меҳмонхонаҳо, агентии сайёҳӣ, хӯроки умумӣ ва ғ.)
- Соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва таълимӣ
- Оғози тиҷорати нав (на кам аз ду сол)

**Соҳибкорзанони азиз, шумоёнро барои иштирок дар**
Озмуни ҷумҳуриявии "Фараҳ-2018" даъват менамоем!

Дархостҳо барои иштирок дар озмун то 1-уми майи соли 2018 қабул мегарданд. Шартҳои озмун ва дигар маълумотҳо муфассал дар сомонаи мо: www.nabwt.tj оварда шудаанд.

**Почаи электронии мо барои иртибот:**
farah.nabwt@gmail.com
**Тел:** (93)503 50 05, (92)756 50 00

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷӯҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

*Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.*

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки роҷеъ ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз

**www.andoz.tj**

ва барои гирифтани посух аз Бахши иттилоотии (контакт-сентр)

**151**

истифода намоед.

## ПРОСТАДОНТ -



*таъсирнокиашро вақт исбот кардааст!*

11 унсури шифобахши табиии он таъсири зиддиилтиҳобӣ ва антисептикии бараъло дорад. Дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад: -простатитҳои шадид ва бардавом; -гипертрофия ва аденомаи ғадуди простата; -атонияи ғадуди простата дар пасманзари простатити бардавом; -бемориҳои гурда ва шошадон; -майли ҷинсиро зиёд, боҳро беҳ ва нутфарезии бармаҳалро хеле камтар мекунад; -диурезро афзоиш медиҳад, тамоми ҷисмро боқувват месозад. Истеъмол: 30-рӯз, 1-қошуқчагӣ, 4-бор дар як рӯз бо 100 мл. об 30 дақиқа пеш аз хӯрок. **Рақами қайд №001556.**

## ТАНАКСОЛ -



*бар зидди ихроҷи ЛЯМБЛИЙ!*

Ширкати илмию истеҳсолии Русия воситаи нодиреро коркард намудааст, бо номи танаксол, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда -ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз,) истифода бурда мешавад. -Ба ҳоли имрӯз воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Дар ҳолатҳои вазнин (при хроничес. лямблиоз) «танаксол»-ро табибон якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикӣ тавсия медиҳанд, зеро он таъсири манфии доруҳои синтетикиро аз байн бурда муҳлати табобатро кӯтоҳ ва таъсироти онро дучанд мегардонад. Тарзи истифодабарӣ: Кӯдакони аз 1 сола 1/6қ, аз 2 то 7 сола 1/3қ, аз 7 то 12 сола 2/3қ, аз 12 сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. **Рақами қайд №000678.** Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

## «ШИРЛАЙН» -



*давои сад бемории!*

Олимони Русия истеҳсоли маҳсулотеро бо номи «Ширлайн» ба роҳ мондаанд, ки ҷиҳати табобати маҷмӯи бемориҳои зиёд, аз қабили бемориҳои узвҳои ҳозима дар марҳалаи оғозшавӣ, бемориҳои қисматҳои поёнии рӯдаи ғафс (бавосир), бемориҳои гинекологӣ ва урологӣ тавсия гардида, ба бартарафсозии заъфи талхадон, тозакунии организм ва табобати комплексӣ барои харобшавӣ, арақкунии барзиёд, қайъ кардан ва дарунравӣ мусоидат менамояд. «Ширлайн» хушкидаи омехтаҳои таркиби оби кӯли Шира аст, ки маҷмӯи наҷиби макро ва микроэлементҳо (калий, натрий, калсий, магний, мис, литий, алюминий, манган, бром, нуқра, фосфор) буда, дар об ҳалшаванда аст. «Ширлайн» дорои хусусиятҳои зиддиилтиҳобӣ, антибактериявӣ, талхарониву пешобронӣ буда, ба муназзамшавии фаъолияти ҷигар, меъдаву рӯда ва гурдаҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин дар ҳолатҳои асабонияти зиёд, бехобӣ ва бемориҳои асаб тавсия гардида, пайдошавии ожангҳоро пешгирӣ менамояд ва пӯсти рӯйро нарму зебо мегардонад. Ҷиҳати табобати бавосир (геморрой) низ истифода бурда мешавад. Истеъмоли бетанаффуси он дар тӯли на камтар аз 20 рӯз харобшавии инсонро то 5 кг аз вазни зиёдатӣ раҳоӣ мебахшад.

# АЗ ҲАР ХУСУС

## АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Захираи заминҳои вақф дар асри XVI – замони Шайбониён ҳам аз ҳисоби заминҳои мулкӣ ва то андозае аз ҳисоби заминҳои мулки ҳурри холис афзоиш ёфт. Масҷиду мадрасаҳо, хонақоҳҳои дар асри XVI сохташуда, албатта, аз ҳисоби молу ашёи ба вақф додашуда, инчунин заминҳои ба вақф додашуда бунёд меёфтанд. Давлат аз заминҳои вақф баъзан рента – андоз мегирифт, баъзан намегирифт. Вале хоқонҳо аксаран заминҳои вақфро «сафед мекарданд». Дар ин бобат вазъи асри XVI аз асрҳои гузашта фарқияте надошт. Аммо аҷобат дигар аст. Чунонки маълум аст, заминҳои вақф тақсимнопазир ва умуман дастнорас дониста мешуданд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе вақфномаҳо падидаҳои ташвишу изтироб аз он ки феодалони калон ба даромад ва молу мулки вақф даст дароз карданӣ мешаванд, ба назар мерасад. Дар ин маврид вақфномаи ба мадрасаи Самарқанд навиштаи Шайбонихон гувоҳӣ медиҳад. Масалан, дар байни шартҳои ба вақф додан чунин таъкид гардидааст: «...(ин молу мулки вақфро) ба касе ба орият додан нашояд, ки аз он хавфи ғасби ин (молу мулки) ориятӣ ба миён меояд, минҷумла: ба ситамкорон, касони хусуматпарвар ва тарсангез нисбат ба султон...»; «...ин молу мулки вақф ба ҳеҷ ваҷҳ ба иҷораи амалдорон ва одамоне, ки аз онҳо рӯёнидани ҳаққи ориият душвор ва ё номумкин аст, дода нашавад.

Дар замони Шайбониён ба мисли асрҳои гузашта қитъаҳои хурди замини мулкӣ вуҷуд доштанд, ки соҳибонашон истеҳсолкунандагони асосӣ – деҳқонон буданд. Оид ба миқдори ин қабил мулкҳои деҳқонӣ маълумоти дақиқ дастрас нест. Вале аз баъзе мушоҳидаҳои ғайримустақим метавон ба хулоса омад, ки захираи ин гуна заминҳо дар тӯли асри XVI ва баъд аз он коҳиш ёфтааст. Деҳқонон заминҳои мулкии худро ба феодалҳои дорову сарватманд мефурӯхтанд. Аён аст. ки корро онҳо бар асари фишору тааддӣ ва ё мушкилоти иқтисодӣ мекарданд. Дар ин маврид ба гарав мондан ва ба чанги судхӯрон афтодан сабабҳои асосӣ буданд.

Деҳқонони мулкдор дар муқоиса бо истеҳсолкунандагони дигар имтиёзҳо доштанд, чунки ҳаҷми рента – андозе, ки онҳо ба давлат ва феодалон месупориданд, аз андози месупоридаи деҳқонони дигар камтар буд. Вале азбаски ҳаҷми заминашон кам ва оилаашон сершумор буд, онҳо ба чанги феодалону судхӯрон гирифтор мешуданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Шоҳтут ва хусусияти табобатии он





**Шоҳтут дорои хислатҳои шифобахш буда, моддаҳои сахтшударо дар бадан мулоим мегардонад, фишори баланди хунро паст мекунад, хилти сафроро тоза месозад, варамҳои гармимизоҷи ҳалқро мегардонад ва таҳлил медиҳад.**

Инчунин, намегузорад, ки моддаҳои гармимизоҷи бегона аз боло ба ҳалқ, забон ва дигар узвҳо рехта шаванд, ташнагиро мешиканад, иштиҳоро ба таом мекушояд. Агар бо оби самари шоҳтут ғарғара кунанд ё он обро дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши даҳан ва обилаҳои он, варамҳои ҳалқ, ком ва забонро рафъ менамояд. Хӯрдани меваи шоҳтут захми рӯдаҳо, исҳолҳои гарм ва хунинро шифо мебахшад. Вале аз ҳад зиёд хӯрдани меваи шоҳтут ба узвҳои даруни сина, шуш ва асаб зиён мерасонад.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Саховатманди ҳақиқӣ он аст, ки дар бораи худ ҳарфе намезанад.

ххх

Ҷамоли инсон аз зебогии суханаш мешавад.

ххх

Бузургии инсон дар фикраш аст, на дар ҷисмаш.

ххх

Насиҳат кардан осон, аммо намунаи ибрат шудан душвор.

ххх

Хайр кардани неъмат дар роҳи Худо шукр кардан аст.

## ПАНДИ РӮЗГОР

*Агар шумо парвоз карда наметавонед, давед, агар тавони давидан надоред, қадам занед, агар инро ҳам наметавонед, рӯи замин худро кашола кунед, яъне бояд ҳамеша ба пеш дар ҳаракат бошед!*

## ХАРАКҲОИ ОФТОБӢ

**Ширкати мошинсозии автомобилбарории «Ford» якҷоя бо ширкати «Strawberry Energy» дар боғи фароғатии Лондон ва кӯчаҳои шаҳр 20 харакм баркӣ - офтобиро гузошт.**



Дар ин курсиҳо одамон на танҳо нишаста дам мегиранд, балки метавонанд дастгоҳҳои мобилии худро нерӯ диҳанд, аз «Wi-Fi»-и ройгон истифода кунанд.

Дигар хусусияти ғайриодии ин курсиҳо дар он аст, ки манзараи атрофро шахси дар он нишаста аз экрани телефони мобилии худ метавонад бубинад ва дар бораи вазъи обу ҳаво, намнокӣ ва дараҷаи тозагии ҳаво низ маълумот гирад.

## ТАЪРИХИ ҲАМЁН



**«Ҳамён» мафҳуми гуногун дорад. Вазифаи асосии ҳамён нигоҳ доштани маблағ мебошад.**

Намунаи ҳамёни муосир, ки аллакай дар асрҳои 11-ум вуҷуд дошт, аз матои чандири бо ресмони сахт басташуда иборат буд. Нахустин маротиба аз чарм сохтани ҳамёнро римиҳо фикр карда баромадаанд. Одамон ҳамёнҳои худро натанҳо бо гулдӯзӣ, балки бо сангҳои нодир низ оро медоданд. Бинобар ин аз рӯи ҳамён то чӣ андоза сарватманд будани инсон муайян карда мешуд. Дар асри 17-ум дар Русия ҳамёнҳои чармӣ ва қоғазӣ пайдо шуданд. Ин намуд ҳамёнҳо барои нигоҳдории пулҳои қоғазӣ пебинӣ гардида буданд. Барои тайёр кардани ҳамёнҳои муосир аз чармҳои пӯсти тимсоҳ, мор, пӯсти шутурмурғ, пӯсти чорво ва аз ғайраҳо истифода менамоянд.

## Оё медонед?



Аксари нафароне, ки гурдадард мешаванд, камҳаракатанд. Металлургҳое, ки дар сехи гарм машғули меҳнатанд, ошпазҳо, қаннодон ва соҳибони касбҳои ба ҳаминҳо монанд ба халал ёфтани кори гурда моил мешаванд.

Дар гурдаҳо пайдо шудани санг аз тарзи хобидани шахс вобаста будааст. Одамҳое, ки мудом бо паҳлӯи чап мехобанд, дар гурдаи чап, касоне, ки доимо бо паҳлӯи рост мехобанд, дар гурдаи рост санг пайдо мекунанд.

Боҷу ХИРОҶ

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Тел: 2-33-08-41 Теъдод: 28 378